Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа


# Боҷу хироҷ

№52 (1201)

Панҷшанбе, 26 декабри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


ПРЕЗИДЕНТ



**Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони диаспора, муҳоҷирони меҳнатӣ ва донишҷӯёни тоҷик дар Федератсияи Россия**

с. 2-3

**Сухани табрикотии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати фарорасии соли нави мелодии 2020**

с. 3

# Ҳолати татбиқи амалии «Анбори электронӣ»




**«БОҶУ ХИРОҶ» – ИНЪИКОСГАРИ ВОҚЕИЯТ**

26 декабр рӯзи таъсисёбии рӯзномаи «Боҷу хироҷ» - рӯзнома 21-сола шуд

РУШДИ СОҲИБКОРӢ

## Имтиёзҳои андозӣ - мусоидат ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ

Шарҳи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451”

с. 4

ОЗМУН

## Озмуни «Беҳтарин донандаи Кодекси андоз»

с. 9

НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ

## Нақши иттифоқи касаба дар танзими фаъолияти меҳнатӣ

с. 11


ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, нархи обунаи яксолаашро 65 сомонӣ муқаррар намудааст, ки нисбат ба нархи обунаи аксар рӯзномаҳои кишвар арзонтар аст.

**65 СОМОНӢ**
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА



**Суроғаи мо:** ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе. **Телефон:** 44-600-41-76

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе.

# Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони диаспора, муҳоҷирони меҳнатӣ ва донишҷӯёни тоҷик дар Федератсияи Россия

**Шоми 19 декабр дар шаҳри Санкт-Петербург дар доираи сафари корӣ дар Федератсияи Россия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз фурсати муносиб бо намояндагони диаспора, муҳоҷирони меҳнатӣ ва донишҷӯёни тоҷик, ки дар Россия кору зиндагӣ ва таҳсили илм мекунанд, мулоқот анҷом доданд.**

Бояд хотиррасон кард, ки зимни ҳар як сафар ба Федератсияи Россия Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хислатҳои ҳамидаи инсондӯстӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ, зодагони Тоҷикистон вохӯриҳои судманду созанда анҷом медиҳанд.

Чунин вохӯриҳо қаблан дар шаҳрҳои Москва, Қазон, Челябинск ва Екатеринбурги Федератсияи Россия бо ҳамватанони муқими кишвари паҳновари Россия доир шуда буд.

Бо гузашти айём имрӯз нуфузу эътибори тоҷикон дар Федератсияи Россия рӯ ба болоравӣ дорад. Дар зиёда аз 70 минтақаи Россия бомуваффақият фаъолият намудани ҷамъиятҳои фарҳангии тоҷикон гувоҳи возеҳи торафт баланд шудани обрӯи онҳо мебошад.

Чунонки аз рафти суҳбат маълум гашт, аксари мушкилоте, ки дар мулоқотҳои пешин зикр мегардиданд, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд ҳалли худро ёфтаанд.

Аз ҷумла, зимни сафари расмии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Москва 16 апрели соли 2019 дар ҷараёни мулоқоту музокироти сатҳи олӣ масъалаҳои фаъолияти ҷамъиятҳои тоҷикон, донишомӯзии донишҷӯёни тоҷик ва вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия муҳокима карда шуд.

Зимни суханронӣ дар мулоқоти навбатӣ бо намояндагони диаспора, муҳоҷирони меҳнатӣ ва донишҷӯёни тоҷик Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи тадбирҳои созандаи Ҳукумати мамлакат дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, дастовардҳои арзандаи мардум, аз ҷумла ба кор андохтани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии "Роғун", амалисозии лоиҳаҳои муҳим ва барномаҳои давлатӣ баҳри рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, татбиқи ҳадафҳои чор самти асосии стратегӣ — баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ андешаронӣ карданд.



Таъкид гардид, ки ба хотири истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ – 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтар барои таълиму тарбияи насли наврас ва рушди зерсохтори хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ, ҳамасола муассисаҳои таълимии нав ба истифода дода мешаванд.

Дар панҷ соли охир садҳо беморхона, дармонгоҳ, марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки соли оянда дар ҳаёти сиёсии мамлакат як қатор чорабиниҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба нақша гирифта шудаанд.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат ба Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат ва дигар мақомоти дахлдор дастур доданд, ки барои таъмин намудани раванди овоздиҳии бемамониати шаҳрвандони бурунмарзиамон дар маъракаҳои интихоботии соли оянда тадбирҳои муассир андешанд.

Оид ба вазъ ва сатҳи муносибатҳои шарикӣ бо Федератсияи Россия андешаронӣ карда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ҳамкорӣ бо Россия доир ба танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои муҳими музокироту гуфтушунидҳои роҳбарияти олии ҷонибҳо боқӣ мемонад.

Зикр карда шуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба ҷанбаҳои мухталифи ин масъала, бахусус, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар ин кишвар таваҷҷуҳи доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир мекунад.

Аз ҷумла, дар ҳошияи музокироти сатҳи олии моҳи апрели соли 2019 Созишнома дар хусуси ҷалби муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатии мо ба Федератсияи Россия ба имзо расид. Мавриди иҷро қарор гирифтани ин санад барои беҳбуд бахшидан ба шароити будубош ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Россия муҳим мебошад.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки дар баробари ин, дар ҳар як вохӯрии ҷонибҳо мавзӯъҳои вобаста ба содагардонии гирифтани патенти корӣ, тартибу мӯҳлати бақайдгирӣ ва будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон ва аъзои оилаҳои онҳо ба миён гузошта мешаванд.

Дигар мавзӯи марбут ба муҳоҷирони меҳнатӣ баргузор намудани маъракаи такрории "афви муҳоҷиратӣ" мебошад, ки он низ зимни суҳбати Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муҳтарам Владимир Путин матраҳ гардида буд.

Пешвои миллат ба сохторҳои дахлдори мамлакат, аз ҷумла Сафорати Тоҷикистон дар Москва супориш доданд, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ин масъаларо ҷиддан пайгирӣ намоянд.

Аз шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ дар Федератсияи Россия қарор доранд, даъват ба амал оварда шуд, ки аз қонунгузории ин кишвар ва қоидаҳои ба расмият даровардани будубоши худ дар қаламрави он воқиф гарданд.

Айни ҳол Тоҷикистон бо 83 субъекти Россия дар соҳаҳои мухталифи тиҷорату иқтисод, аз ҷумла дар арсаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ ҳамкории гуногунҷанба ба роҳ монда, онро рушд медиҳад.

Садҳо намояндагони давлати мо дар муассисаҳои пешбари таҳсилоти олии ин шаҳр таълим гирифта, дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, илмиву техникӣ ва фарҳангии Тоҷикистон саҳми шоёни худро гузоштаву мегузоранд.

Шумораи умумии донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҳавзаи федералии шимолу ғарб то се ҳазор нафар, аз ҷумла дар донишгоҳҳои шаҳри Санкт — Петербург ба зиёда аз ҳазор нафар мерасад.

Вобаста ба вазъи зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсири таҳдиду хатарҳо ба амнияти мамлакат ва эмин нигаҳ доштани муҳити ҳамватанони бурунмарзӣ аз таблиғоти созмону ҳаракатҳои ифротиву террористӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз роҳбарияти ҷамъияту иттиҳодияҳои тоҷикистониён дар Россия даъват ба амал оварданд, ки бо истифода аз воситаҳои мавҷуда корҳои маърифативу фаҳмондадиҳиро миёни шаҳрвандони мо васеъ ба роҳ монда, ҷиҳати пешгирӣ кардани шомилшавии онҳо ба гурӯҳу ҳаракатҳои ҷиноятпеша ҳадафмандона талош варзанд.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки ба корҳои маърифатпарварӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалби бештари онҳо ба омӯзиши илму техника ва азхудкунии касбу ҳунарҳои муосир диққати махсус дода шавад.

Вобаста ба рӯ овардан ба таърих ва арзишҳои миллӣ, аз ҷумла забон ва фарҳанги миллӣ, анъанаву суннатҳои неки ниёгон ва арҷгузорӣ ба хотираи шахсиятҳои барҷастаи миллат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон тайи солҳои охир номинатсияҳои "Шашмақом", "Наврӯз" ва "Чакан — санъати гулдӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Рӯйхати мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуданд.

Чанде пеш қарори ин сохтори Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси соли оянда ҷашн гирифтани 700-солагии Камоли Хуҷандӣ ва 5500-солагии шаҳри қадимаи Саразм, ки соли 2010 ба Феҳристи мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО ворид шуда буд, қабул гардид.

Аз ин рӯ, аз ҷамъияту иттиҳодияҳои тоҷикони Россия даъват ба амал оварда шуд, ки дар рӯҳияи худшиносиву ҳувияти миллӣ, эҳтиром ба анъана ва фарҳанги ниёгон дар тарбия кардани насли наврас нақши бориз дошта бошанд.

Дар ин масир, ҷамъияту иттиҳодияҳои тоҷикон дар Федератсияи Россия бояд дар баргузории мунтазами чорабиниҳои милливу фарҳангии кишварамон, аз қабили ҷашни Наврӯз, Сада, Меҳргон, инчунин маҳфилҳои шеъру суруд фаъолтар бошанд.

Дигар самти ташвиқи фарҳангу тамаддуни тоҷикон ва ҳифзи ҳувияти миллӣ роҳандозии нашри маҷаллаву рӯзномаҳо, таъсиси шабакаҳои телевизион, радио ва интернет дар қаламрави Россия мебошад.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки мардуми шарифи Тоҷикистон бо кӯшишҳои якҷоя дар роҳи шукуфоии Ватани аҷдодиамон дар оянда низ ба дастовардҳои нав ба нав ноил хоҳад шуд.

# Сафари Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Хуросон



**21 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати шинос бо рафти корҳои ободониву бунёдкорӣ, ифтитоҳи иншооти гуногун, оғози корҳои сохтмонӣ дар идораву муссисаҳои нав ба ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ташриф оварданд.**

## Мавриди баҳрабардорӣ қарор додани бинои Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷамоати шаҳраки Обикиики ноҳияи Хуросон бинои Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Сарвари давлат бо шароитҳои кории иншооти нав шинос шуда, бо кормандони он суҳбат намуданд.

Дар ҳамаи ҳуҷраҳо дастгоҳ ва айёниятҳои корӣ насб гардида, бо компютер ва хати баландшиддати интернет таъмин мебошанд. Чунин шароит минбаъд имконият медиҳад, ки дархосту аризаи шаҳрвандон сари вақт қабулу баррасӣ гарданд.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки айни замон дар ноҳия 8231 нафар нафақагир ба қайд гирифта шудааст ва хизматрасонӣ ба онҳо тариқи корти бонкӣ ба роҳ монда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулонро вазифадор намуданд, ки барои расонидани хизмати саривақтиву босифат ба нафақагирону маъюбон ва шахсони барҷомонда чораҳои зарурӣ андешанд. Муомилаву муошират хуббо бо онҳо дар мадди аввал гузоранд, зеро ин гурӯҳи аҳолӣ бештар аз дигарон мӯҳтоҷи ғамхориянд ва зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

## Оғози бунёди 150 гектар токзори нав

Токзори навро саҳмдорони хоҷагии фермерии ноҳия бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми содироти ангур ба хориҷи кишвар дар асоси тавсияи мутахассисони соҳаи боғутокпарварӣ ташкил намудаанд.

Барои арҷгузорӣ ба хизматҳои шоёни Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус боғутокпарварӣ токзори навбунёд "Пешвои миллат" номгузорӣ шудааст.

Дар масоҳати 150 гектар, ки ба 8 қитъа тақсим гардидааст, 10 намуд ангури навъҳои ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла, дар масоҳати 48 гектар навъи "Ғалаба", 31 гектар "Ҳусайнии сиёҳ", 20 гектар "Ҳусайнии сафед", 2 гектар "Ҳусайнии гулобӣ", 2 гектар "Кардинал", 25 гектар "Шоҳона", 6 гектар "Кишмиши сафед", 8 гектар "Кишмиши сиёҳ", 3 гектар "Зарифӣ" ва 5 гектар "Тоифӣ", дар маҷмӯъ, 42 ҳазор бех ниҳоли ангур шинонида шуд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ниҳолҳо аз ҷониби олимони Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида шудаанд ва ба иқлими ноҳияи Хуросон, бахусус мавзеи мазкур мутобиқ мебошанд.

Сипас Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи дастовардҳои кишоварзони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон диданд намуданд.

Дар ин намоишгоҳ анвои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили ҳосили зироати полезӣ, сабзавоту мева ба маъраз гузошта шуд.

Баъди шинос шудан бо дастовардҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баҳои баланд дода, ба онҳо ҷиҳати рушд бахшидани соҳа ва истифодаи самараноки замин маслиҳатҳои муфид доданд.

# Соле пур аз нишот



## Сухани табрикотии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати фарорасии соли нави мелодии 2020

Фарорасии Соли нави мелодии 2020-ро ба ҳамаи шумо ва дар шахси шумо ба тамоми наздикону пайвандонатон самимона табрику муборакбод гуфта, бароятон саломатии бардавом, сарбаландию саодати рӯзгор ва хушбахтиҳои оилавиро таманно дорам.

Бо изҳори қаноатмандӣ метавон гуфт, ки соли 2019 чун солҳои пешин, таҳти роҳнамой ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти халқи Тоҷикистон бо дастовардҳои назаррас сабт гардид.

Чуноне ки Пешвои муаззами миллат таъкид сохтанд, соли 2020 бо рӯйдодҳои ниҳоят муҳиму хотирмони худ барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон соли воқеан таърихӣ буд.

Дар ин сол ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нав дар соҳаи саноат ва истифодаи самараноки корхонаҳои мавҷуда, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот, тақвияти имкониятҳои содиротии кишвар ва умуман, дар самти иҷрои барномаҳои стратегии мамлакат як силсила тадбирҳои судманд амалӣ гардиданд. Маҳз рушди соҳаҳои воқеӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ имконият дод, ки ба раванди саноатикунонии босуръати мамлакат тақвият бахшида шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, шумораи ҷойҳои нави кор мунтазам афзоиш ёбад.

Ба кор андохтани агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки бо шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми тоҷик амалӣ гардид, аз рӯйдодҳои муҳимтарини сол буда, он ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва боз як қадами устувори кишвар дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ-истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

Воқеан, мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб карда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем.

Дар робита ба ин ва бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат (26 декабри соли 2018) пешниҳод карданд, ки *«Саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад»*.

Соли 2019 барои мардуми тоҷик, дар ҳақиқат, соли таърихӣ ва бобарор ба ҳисоб рафта, дар маҷмӯъ, бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст шуд. Бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ рушди босуботи иқтисодии мамлакат нигоҳ дошта шуда, иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ, таъмин гардид.

Умуман, ҳама гуна созандагию бунёдкориҳое, ки ба назар мерасанд, маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ амалӣ шудаанд. Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии мардуми тоҷик имкон дод, ки маҷрои рушди иқтисоди миллиамон ба куллӣ тағйир ёбад, барномаҳои нави давлатӣ қабул шаванд, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ба кор дароянд, сокинони мамлакат дар ҳамаи фаслҳои сол бо нерӯи барқ таъмин гарданд ва барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

Ёдрас бояд шуд, ки дар ҳамаи бунёдкорию созандагиҳое, ки дар кишвар амалӣ мешаванд, саҳми андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз низ хеле назаррас аст.

Мақомоти андози Тоҷикистон, ки имрӯз таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат, инчунин, тавассути меҳнати софдилонаи роҳбарият ва кормандони соҳа ба яке аз ниҳодҳои бонуфузи кишвар табдил ёфтааст, бо мақсади ташкил ва беҳтар кардани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, дуруст ҳисоб ва пардохт кадани андозҳо тадбирҳои судмандро амалӣ намуда истодаанд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ бармеояд ва бо дарназардошти дархостҳои андозсупорандагон ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳо бо андозсупорандагон, инчунин, кам кардани алоқаи бевоситаи кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагон аз 1 июли соли 2019 дар Кумитаи андоз шакли нави хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модели «Утоқи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ тартиб дода-ни санади муқоисавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки тавассути он андозсупорандагон метавонанд минбаъд санади муқоисавиро бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Меҳоҳам махсус зикр кунам, ки корҳо дар самти беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ ва самтҳои дигари фаъолияти мақомоти андоз ҳанӯз ҳам кифоя нестанд.

Ин аст, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар, ки рӯзи 10 майи соли 2019 баргузор шуда буд, нисбати мақомоти андоз эродҳои ҷиддӣ баён доштанд.

Аз ин рӯ, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз мулоқоти мазкур бармеояд, таъкид менамоям, ки бояд ҷиҳати беҳтар кардани маъмурикунонии андоз, самарабахш намудани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, хубтар ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни шаҳрвандон, ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ, таъмини риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ, аз ҷумла муқаррароти Кодекси одоби хизмати давлатӣ, Кодекси одоби касбии кормандди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор чораҳои ҷиддӣ андешида шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷаласаи навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар лоиҳаҳои қонунҳо «Лоиҳаи Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ муҳокима гардида, маъқул дониста шуд ва он барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар ин ҷаласа, ҳамчунин, «Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451» муҳокима ва қабул гардид. Лоиҳаи қарори мазкур бо мақсади ба қайди давлатӣ гирифтани соҳибкорон ва ба онҳо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи самти фаъолият ва таъмини дастрасии онҳо барои гирифтани қарз аз ташкилоти қарзӣ, ба роҳ мондани баҳисобгирии оморӣ аз рӯи фаъолият оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, аз байн бурдани монеаҳои сунъӣ дар самти рушди ҳунарҳои мардумӣ таҳия гардида, инчунин, муқаррароти қарори амалкунанда ба муқаррароти Кодекси андози ҷумҳурӣ ва дигар қонунгузории амалкунанда мутобиқ гардонида шудааст.

Дар самти робитаҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти андози давлатҳои аъзои ИДМ, ҳамчунин иштирок дар форумҳои сатҳи ҷаҳонӣ назаррастар гардида истодааст, ки ин ҳама аз баланд шудани эътибори мақомоти андози кишварамон дар миқёси байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад.

Аз ҷумла, 18 апрели соли 2019 дар Ҷумҳурии мардумии Чин нахустин Форуми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» баргузор гардид. Бояд гуфт, ки дар ин Форум Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳумро «Оид ба Механизми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонид.

Ёдрас мешавем, ки механизм ба ташкили ҳамкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар самти андозбандӣ, танзими баҳсҳои андозӣ, беҳтар намудани маъмурикунонӣ бо ёрии мубодилаи таҷрибаи маъмурикунонии андоз, пешгирӣ кардани пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ ва фоидаи андозбандишаванда (нақшаи BEPS), амалигардонии мубодилаи автоматии маълумоти молиявӣ (AEOI) тибқи стандартҳои байналмилалӣ равона шуда буд.

Тоҷикистон дар як соли охир тибқи рейтинги Бонки ҷаҳонӣ «Пешбурди бизнес 2020» дар натиҷаи амалӣ гардондани ислоҳот дар соҳаи муҳити корӣ ба сафи 10 кишваре ворид шуд, ки дар масъалаи беҳтар кардани муҳити корӣ ба пешравиҳои чашмрас ноил шудаанд. Дар натиҷаи ислоҳоти татбиқшуда, дар Тоҷикистон муҳити мусоиди корӣ барои бизнеси хурду миёна ба амал омада, роҳ барои воридшавии инвеститсияҳо, инноватсияҳо, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва ба таври устувор сафарбарсозии захираҳои дохилӣ кушода шудааст.

Соли 2020 оғози марҳалаи нав ба кори амали нек хоҳад буд. Дар назди кормандони мақомоти андоз дар ин сол, чун солҳои гузашта, вазифаҳои басо пурмасъулият истодаанд. Ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020», татбиқи барномаҳои давлатии марбут ба соҳаи андоз, дар маҷмӯъ, дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад.

Мо, кормандони мақомоти андоз, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат бармеоянд, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки фаъолиятамонро боз ҳам самаранoктар ба роҳ монем ва дар ҳама самтҳои фаъолият ба дастовардҳои нави меҳнатӣ ноил гардем.

Шуморо, ҳамкасбони азиз, бори дигар бо фарорасии Соли нави мелодии 2020 табрику таҳният гуфта, ба ҳамаатон саломатию некномӣ ва дар иҷрои вазифаҳои хизматиатон муваффақиятҳо орзу менамоям.

**Соли нав муборак, ҳамкорони азиз!**

# Имтиёзҳои андозӣ - мусоидат ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ

**Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар хона аз пардохти андозҳо озод пешбинӣ шудааст.**

Ҳангоми татбиқи амалии муқаррароти мазкур муайян гардид, ки дар самти фаъолияти соҳибкорон оид ба рушди ҳунарҳои мардумӣ, бо сабаби надоштани ҳуҷҷати расмӣ оид ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, барои гирифтани қарз аз ташкилоти қарзӣ монеаҳо ба миён омадааст. Бинобар ин, дар “Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451”, ки чанде пеш дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Торҷикистон муҳокима ва қабул гардид, муқаррароти дахлдор пешбинӣ шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани ҷойҳои алоҳида барои ба фурӯш гузоштани молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор пешбинӣ гардид. Қобили зикр аст, ки мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, мусоидат намудан ба рушди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз байн бурдани номуайяниҳо дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи андоз, фароҳам сохтани сабукиҳо барои фаъолияти соҳибкорон мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2019, №605 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 75 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйиру иловаҳои воридшуда аз санаи ба имзо расидани қарор мавриди амал қарор дода мешаванд.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ва сари вақт расонидани моҳияти онҳо ба андозсупорандагон ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ «Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» мактуби дастурӣ ирсол намуд.

Тавре дар мактуб зикр мешавад, ба замимаи 1-и қарор аз 31 августи соли 2012, №451 “Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” тағйироти зерин ворид карда шуд:

а) дар банди 18 Қоидаҳо пас аз калимаҳои «бистарӣ будан» ва «сӯхтор», калимаҳои «дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд» ва «ва офати табиӣ» илова карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки банди 18 Қоидаҳо имтиёзҳои соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунандаро муқаррар менамояд. Аз ин лиҳоз, бо қабул гардидани тағйироти мазкур, дар боробари дигар имтиёзҳои пешбинишуда, соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, инчунин, ҳангоми дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ё рӯх додани офатҳои табиӣ, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро ғайриимкон мегардонад, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз пардохти маблағи патент озод мешаванд.

- Вобаста ба тағйироти воридгардида, - қайд мешавад дар мактуб, - мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дар доираи муқаррароти мазкур муроҷиатҳои андозсупорандагонро баррасӣ карда, минбаъд, ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар фаъолияти чунин соҳибкорон имтиёзи андо-



зиро татбиқ намоянд.

б) дар банди 26, зербанди б) бандҳои 28 ва 29 рақам ва калимаҳои “500 ҳазор сомонӣ” ба калимаҳои “як миллион сомонӣ” иваз карда шуданд, ки тағйироти мазкур хусусияти таҳририӣ дошта, бо дарназардошти зиёд гардидани ҳадди даромад барои соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, муқаррароти қарори мазкур ба талаботи Кодекси андоз мутобиқ гардонида шудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 11 протоколи ҷаласаи Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи туризм ва дастгирӣ кардани субъектҳои соҳибкории хурд аз 19 августи соли 2017, №6/26-63 ва супориши протоколи машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2018, №1к/30-3 бо мақсади таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташкили заминаи мусоиди ҳуқуқию инфрасохторӣ баҳри ҷалби сайёҳон дар шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳое, ки меҳмонхона надоранд, барои шаҳрвандоне, ки манзилҳои истиқоматии худро ба сайёҳон ба иҷора медиҳанд, патент пешбинӣ гардида, ба замимаи 2 қарори мазкур банди 50 “Ба иҷора додани биноҳои истиқоматӣ ба сайёҳон ва хизматрасонӣ вобаста ба он дар маҳалли аҳолинишин (шаҳр, шаҳрак ва деҳа), ки меҳмонхона надорад” илова гардид. Маблағи патент барои ин гурӯҳи соҳибкорон бе дарназардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо дар як моҳ ба 80,0 сомонӣ баробар мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2018, №511 бо замимаи 3 - «Коэффитсиентҳои минтақавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо танзим менамоянд» номи шаҳру ноҳияҳои «Қӯрғонтеппа», «Бохтар» ва «Сарбанд» мувофиқан ба калимаҳои «Бохтар», «Кӯшониён» ва «Левакант» иваз шуданд.

Тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда замимаи 4 «Номгӯи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, ки фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод мебошанд» такмил дода шуда, дар номи замима калимаи «фаъолият» ба калимаҳои «фаъолияти соҳибкории инфиродӣ» иваз ва эзоҳ дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда, минбаъд он шаҳрвандоне, ки мутобиқ ба номгӯи намудҳои фаъолияти дар замимаи 4 қайдшуда хоҳиши анҷом додани фаъолияти соҳибкориро дар ин самт доранд, ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дар ин хусус ба онҳо аз рӯи намуди фаъолияти интихобнамудаашон бе пардохти маблағи андоз варақаи патент дода мешавад. Ҳамзамон, тибқи тағйироти воридшуда ҷиҳати баҳисобгирӣ ва ба роҳ мондани ҳисоботи оморӣ соҳибкороне, ки фаъолият оид ба истеҳсол ва фурӯши ҳунарҳои мардумиро амалӣ менамоянд, минбаъд уҳдадоранд аз рӯи ҷамъбасти сол ба мақомоти омори маҳалли фаъолияти худ ҳисобот пешниҳод намоянд.

Дар баробари ин, тибқи банди 2 эзоҳ, ки бо замимаи 4 қарори мазкур тасдиқ гардидааст, фурӯш (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла хизматрасониҳои таъмиру омӯзишӣ вобаста ба намудҳои фаъолияте, ки дар номгӯи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба шарте аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо озод карда мешаванд, ки дар хона ё ҷойҳои махсуси аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷудокардашуда амалӣ гардад.

Дар сурати берун аз хона ё ҷойҳои махсус анҷом додани фаъолиятҳои мазкур, истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти мазкур набудани шахси онро амаликунанда, бо мақсади канораҷӯӣ аз андозбандӣ дар дигар нуқтаи бо роҳи иҷораи манзил ба роҳ мондани чунин фаъолият, фурӯши маҳсулоти мазкур таҳти андозбандӣ қарор дода мешаванд.

Аз ин хотир, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ирсоли мактуби мазкур мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки ҷиҳати ба андозсупорандагон расониданимоҳияти тағйиру иловаҳои воридшуда корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинар-машварат ва вохӯриҳоро ба роҳ монда, ҳамзамон, номгӯи фаъолиятҳои аз андозбандӣ озодро дар лавҳаҳои нозиротҳои андоз, бозорҳо ва марказҳои савдою хизматрасонӣ ҷойгир намоянд. Мақомоти ҳудудии андоз ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани механизми татбиқи имтиёзҳои андозӣ нисбат ба фаъолиятҳое, ки номгӯи онҳо тибқи замимаи 4 ба қарори мазкур тасдиқ шудааст, Феҳристи соҳибкоронеро, ки чунин фаъолиятро дар маҳалҳо амалӣ менамоянд, ташкил кунанд, ҳамзамон, чунин шахсонро бо патент ройгон таъмин намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# В Японии три аэропорта запускают систему распознавания лиц

**Японские аэропорты Нарита, Ханеда и Кансай установили систему распознавания лиц для упрощения проверок безопасности, сообщает News On Japan.**

Система начнет работать с 2020 года в аэропортах Токио Нарита и Ханеда, а также в аэропорту префектуры Осака Кансай. Она нужна,чтобы сократить время ожидания туристов, которые прилетят на летние Олимпийские игры. Запуск планируется весной.

Технология обойдется стране в 29 миллионов долларов и будет финансироваться за счет нового налога для туристов на выезд, введенного в январе. Он составляет 1000 иен (около девяти долларов). Ожидается, что в 2020 году он станет выше.

Правительство Японии надеется принять 40 миллионов туристов в следующем году, поэтому предпринимает различные меры по улучшению аэропортов. Так, есть идея прикреплять к зарегистрированному багажу электронные метки, чтобы путешественники через приложение могли заранее знать, сколько им ждать их чемоданы.

**Источник: https://ria.ru**



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти ба «Анбори электронӣ» ворид кардани бақияи молҳоро аз ҷониби шахсони ҳуқуқие, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолият мекунанд, дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 26 ноябри соли 2019 мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дод.**

# Ҳолати татбиқи амалии «Анбори электронӣ»



Аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андоз иттилоъ доданд, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андози низоми содакардашуда, таъмини пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, инчунин дуруст ба ҳисоб гирифтани амалиётҳои андозбандишавандаи дар эъломияҳои аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳодшуда бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.08.2019, №389 шурӯъ аз 1 октябри соли 2019 дар доираи модулҳои алоҳидаи анбори электронӣ барои шахсони ҳуқуқии дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда мавриди истифода қарор дода шудааст.

Зикр гардид, ки тибқи модули мазкур минбаъд таҳвили молҳо аз ҷониби андозсупорандагон тавассути барномаи компютерӣ пайгирӣ ва назорат карда мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми ба таври автоматӣ дар барномаи компютерӣ ташаккул додани эъломияи андози низоми содакардашуда, нишондодҳои амалиётҳои воридотӣ (харид) ва хароҷоти (фурӯш) аз анбори электронии андозсупорандагон ба инобат гирифта хоҳад шуд. Анбори электронӣ дар барномаи компютерӣ барои субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда қарордошта роҳандозӣ гардида, дар назар аст, ки модули мазкур аз 1-уми январи соли 2020 соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандаро низ дар бар гирад.

Гарчанде доир ба татбиқи амалии анбори электронӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ба мақомоти ҳудудии андоз мактуби дастурӣ (аз 31 июли соли 2019, №11617/13.3 "д") ва дар замима ба он намунаи огоҳинома ба андозсупорандагон барои омода кардани онҳо тахия ва дастрас шудааст ва бо иштироки кормандони мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон семинар-машварату воҳӯриҳо доир гардидааст, аммо, чуноне ба назар мерасад, рафти ворид намудани бақияи молҳо ба анбори электронӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба талабот ҷавобгӯ нест.

Аз омӯзишу таҳлилҳо бармеояд, ки рафти ворид кардани бақияи молу маҳсулот аз ҷониби субъектҳои мазкур дар сатҳи паст қарор дошта, аз шумораи 8821 адад корхонаи амалкунандаи дар низоми содакардашуда қарордошта, ҳамагӣ 2262 адад ё 25,6 фоизи онҳо аз анбори электронӣ истифода кардаанду халос. Нишондиҳандаи рафти истифодабарии анбори электронӣ ё ворид намудани бақияи молҳо ба он дар шаҳри Душанбе ҳамагӣ ба 654 адад, вилояти Суғд 747 адад, вилояти Хатлон 492 адад ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 369 адад баробар мебошад.

Гуфта шуд, ки бо дарназардошти ташвишовар будани рафти воридкунии маълумот ба анбори электронӣ, дар толори видео-конференсияи Кумитаи андоз масъалаи мазкур бо иштироки сардорони раёсатҳо ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо баррасӣ гардида, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва татбиқи барномаи компютерӣ дар ин самт ва масъулон мухлат дода шуда буд.

Новобаста аз таъкидҳои пайвастаи мақомоти андоз як гурӯҳи алоҳидаи субъектҳои хоҷагидори дар низоми содакардашуда фаъолиятдошта дар ин самт бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намуда, бақияи молу маҳсулоти худро ба анбори электронӣ ворид накардаанд. Қобили зикр аст, ки яке аз сабабҳои аз анбори электронӣ истифода накардани субъектҳои дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда, аз ҷониби баъзе аз субъектҳои мазкур ба таври қоғазӣ пешниҳод кардани ҳисоботи андоз ва ба шакли электронии пешниҳоди ҳисобот нагузаштан ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз субъектҳои хоҷагидори хурди дар низоми содакардашуда даъват ба амал меорад, ки аз хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз самаранок истифода карда, фаъолияти худро тибқи қонунгузории андоз ба роҳ монанд ва ҳаргиз ба қонуншиканиии андоз даст назананд.

**Т. ЧИЛАЕВ**

# Корҳо баҳри муайянсозии манбаъҳои андоз

**Корҳои назоратӣ, аз ҷумла муоинаи хронометражӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси мақсадҳои муайян ва таҳлилу тадқиқот гузаронида мешаванд. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ бартарафнамоии камбудиҳо ва муайянсозии манбаи аслии андозбандишаванда мебошад.**

Тибқи иттилои сардори шуъбаи Раёсати санҷишҳои андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Авғонов дар 11 моҳи соли 2019 аз тарафи кормандони мақомоти андоз дар фаъолияти 1924 андозсупоранда (259 шахси ҳуқуқӣ ва 1665 соҳибкори инфиродӣ) муоинаҳои хронометражӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 346 адад, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 250 адад, раёсатҳои вилоятҳои Хатлон 503 адад, Суғд 478 адад, ВМКБ 72 адад ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 242 адад, НАК 4 адад ва НАМ 29 адад муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд. Шумораи муоинаҳои гузаронидашуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 281 адад зиёд мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки даромади умумии 1924 андозсупорандае, ки дар фаъолияти онҳо муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст, то давраи таҳти муоина қарор доштанашон, ба ҳисоби миёна, дар як моҳ 67,3 млн. сомониро ташкил дода, пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии ин субъектҳо ба миқдори 115,8 млн. сомонӣ дар як моҳ баробар гардидааст, ки нисбат ба манбаи андозбандишавандаи қаблан пешниҳоднамуда 48,5 млн. сомонӣ дар як моҳ зиёд аст.

Инчунин, кормандони мақомоти андоз дар фаъолияти андозсупорандагони таҳти муоинаи хронометражӣ қарorгирифта 877 нафар коргарони кироие, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб шуда буданд ошкор намуда, ба қайд гирифтаанд ва нисбати 1247 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 4,3 млн сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, пардохти маблағи мазкурро ба буҷет таъмин карданд. Дар баробари ин, дар фаъолияти 67 андозсупоранда мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, ки қобилияти интиқол додани маълумотро доранд, насб шудааст.

Бо вуҷуди ин, гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои мамлакат ғайриқаноатбахш мебошад. Аз ҷумла, дар 11 моҳи соли равон дар Раёсати андози ВМКБ ҳамагӣ 8 адад муоинаи хронометражӣ, шаҳру ноҳияҳои Ишкошим 4 адад, Шуғнон 3 адад, Кӯлоб 27 адад, Фархор 14 адад, Данғара 9 адад, Темурмалик 6 адад, Балҷувон 4 адад, Хуросон 7 адад, Панҷ 4 адад, Зафаробод 6 адад, Гулистон 13 адад, Спитамен 6 адад, Панҷакент 14 адад, Истаравшан 3 адад, Бӯстон 5 адад, Шаҳристон 6 адад, Истиқлол 3 адад, Шоҳмансур 62 адад, Фирдавсӣ 19 адад, Сино 12 адад, НАМ дар вилояти Суғд 11 адад, НАМ дар шаҳри Душанбе 7 адад, НАК 2 адад муоинаҳои хронометражӣ гузаронидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам мебошад.

Вобаста ба ин нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро зарур аст, ки ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар самти гузаронидани муоинаи хронометражӣ ҳолатҳои ошкорнамоии коргарони кироя, маблағҳои иловагии андоз ва татбиқ намудани ҷаримаҳои маъмуриро пурра ба инобат гирифта, дар робита ба ин корҳои назоратиро хуб ба роҳ монанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Москва и Минск договорились о компенсации за налоговый маневр

**Россия и Белоруссия договорились о схеме компенсации за налоговый маневр в нефтяной отрасли в 2019-2024 годах. Об этом сообщает РБК со ссылкой на источники.**

Отмечается, что в качестве компенсации Москва предоставит белорусским нефтеперерабатывающим заводам обратный акциз. В результате белорусские предприятия смогут получать вычет, как и российские, когда две страны унифицируют Налоговый кодекс в рамках экономической интеграции.

Как пояснил РБК пресс-секретарь главы правительства Олег Осипов, сейчас стороны обсуждают вопрос об унификации налогового законодательства, после чего для предприятий обеих стран будут действовать единые правила.

Российский налоговый маневр в нефтяной отрасли, предусматривающий постепенное обнуление экспортной пошлины на нефть и повышение ставки налога на ее добычу, является одним из спорных вопросов в отношениях между странами. Дополнительные издержки у Белоруссии возникают из-за ожидаемого увеличения цены на российскую нефть и снижения экспортных пошлин на нефтепродукты. Минск оценивал свои потери суммарно за шесть лет в сумму до 11 миллиардов долларов.

**Источник: https://ria.ru**

# Гузариш аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ

> "Мо бояд дарк намоем, ки пешрафти соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ ин воридшавии мунтазами андоз ба буҷет ва дар айни замон, зиёдшавии ҷойҳои корист".
>
> **Эмомалӣ РАҲМОН**

## Фаъолият бо патент

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз рӯи тартиби содакардашуда андозбандӣ карда мешаванд. Аммо бояд ба назар гирифт, ки ин табақаи андозсупорандагон ниҳоят сершумор буда, ба соҳибкорӣ ҷалб гардидани онҳо барои ҳалли мушкилоти зиёди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд. Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз сершумор будани теъдод, барои назорати андози соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият менамоянд, хароҷоти зиёд зарур намебошад, зеро фаъолияти онҳо мавриди санҷиши ҳуҷҷатии андоз қарор дода намешавад. Дар ибтидо истифодаи патент ҳамчун зинаи нахустини ворид гаштани шаҳрванд ба иқтисоди бозаргонӣ дар назар дошта мешавад. Яъне шаҳрванд бо тартиби содатарини андозбандӣ, ба соҳибкорӣ оғоз намуда, пас аз пайдо кардани таҷриба ба тартиби бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад ва аллакай ҳуқуқ дорад, ки коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, инчунин уҳдадор аст муҳосиботро пеш барад ва ба мақомоти андоз эъломияҳо ва ҳисоботҳои андозро пешниҳод намояд. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», ки аз 1 июли соли 2009 мавриди амал қарор дорад, тартиби гузаштан аз қайди давлатӣ ва ба фаъолият оғоз намудани соҳибкорони инфиродӣ сода гардонида шудааст ва аз 3 рӯзи корӣ бештарро дар бар намегирад. Ҳамзамон, тибқи Кодекси андоз низомҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла бе ташкили шахси ҳуқуқӣ хело сода ва ба шароити имрӯзаи бозаргонӣ мутобиқ карда шудааст.

Дар асоси муқарраároти банди 1 "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ метавонанд, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом диҳанд. Ҳамзамон, соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқ дорад, ки танҳо дар асоси як варақаи патент, ё як варақаи шаҳодатнома фаъолият намояд, яъне ӯ ҳуқуқ надорад, ки дар як вақт бо ду ва зиёда варақаи патент, ду ва зиёда варақаи шаҳодатнома, инчунин дар як вақт ҳам бо варақаи патент ва ҳам бо варақаи шаҳодатнома фаъолият намояд

Шахси воқеие, ки аз бақайдгирии давлатӣ нагузашта, патент ва ё шаҳодатнома нагирифта, дар амал фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, бо мақсадҳои андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ эътироф карда мешавад. Пас аз татбиқ намудани ҷаримаи маъмурӣ ё дигар намуди муҷозот чунин шахс вобаста ба намуди фаъолияташ ҳамчун дорандаи патент ё шаҳодатнома андозбандӣ карда мешавад.

Дар асоси патент танҳо ҳамон шахсе ҳуқуқи фаъолият карданро дорад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст. Яъне аъзои оилаи ӯ, хешовандон, умуман шахсони дигар ҳуқуқ надоранд бо ин патент фаъолият намоянд. Дар ҳолати хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ намудан, чунин шахсон бояд аз нозироти андози маҳалли фаъолият ба номи худ патенти алоҳида гиранд

Пардохт барои патент пардохти устувори андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ буда, аз ҳаҷми даромади бадастовардаи соҳибкор вобастагӣ надорад Яъне, новобаста аз ҳаҷми даромади ба дастомада ва гардиши мол (то 100 ҳазор сомонӣ дар соли тақвимӣ) то давраи расман қатъ намудани фаъолият маблағи патент тибқи Номгӯй аз ҷониби соҳибкор бояд ба буҷет пардохта шавад. Соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, уҳдадор аст шартҳои зеринро риоя намояд:

*- патент ба номи ӯ дода шуда бошад;*

*- маблағи патентро пешпардохт намояд. Бе пешниҳоди расиди пардохт, патент барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ асос шуда наметавонад;*

*- дар фаъолияти худ коргари кирояро истифода накунад;*

*- ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (воридот ва содироти молҳо) машғул нагардад;*

*- даромади умумӣ аз фаъолияти соҳибкориаш дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд набошад;*

*- намуди фаъолияти соҳибкории ӯ дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тасдиқ шудааст, дарҷ гардида бошад.*

Дар ҳолати дар Номгӯи намудҳои фаъолияти аз руи патентамалишаванда пешбини нагарддани намуди фаъолият, ки шахси воқеӣ ҳуқуқи истифодаи низоми патентро надорад ва бояд фаъолияти худро дар ин ҳолат аз рӯи шаҳодатнома ба роҳ монад.

Нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, андозбандии онҳо тибқи патент ба андозаи маблағи патент дар ҳаҷми дукарата пардохт мегардад.

## Фаъолият дар асоси шаҳодатнома

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда, метавонад тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ба истисноИ фаъолиятҳои зерин, анҷом диҳад:

*- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;*

*- фаъолияти бонкӣ ё намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ;*

*- фаъолияти суғуртавӣ, фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок;*

*- фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин;*

*- қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо ва монанди инҳо, ки бояд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият намоянд;*

*- фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо;*

*- ташкили сехҳои оҳангудозӣ.*

Ин намудҳои фаъолиятҳои соҳибкорӣ бо роҳи ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Вобаста ба намуди фаъолият соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, мувофиқи низомҳои зерини махсуси андозбандии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият қарда метавонад:

*- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи шаҳодатнома амалӣ менамоянд;*

*- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;*

*- низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои тиҷорати бозӣ.*

Вобаста ба низоми муқарраргардида, соҳибкори инфиродӣ уҳдадориҳои андозии худро муайян намуда, дар мӯҳлатҳои муқарраргардида эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд. Ҳангоми дар як вақт истифода намудани ду низоми махсуси андозбандӣ соҳибкор уҳдадор аст аз рӯи ҳар як низом баҳисобгирии алоҳидаи даромадҳо, хароҷот ва амалиёти хоҷагидории анҷомдодашавандаро пеш барад. Дар ҳолати дар 12 моҳи пайдарпайи тақвимӣ аз ҳисоби ҳамаи намудҳои фаъолиятҳо аз 1 миллион сомонӣ зиёд будани даромади умумии соҳибкорони инфиродӣ, чунин соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқи дар асоси шаҳодатнома фаъолият намуданро аз даст медиҳанд ва ӯҳдадор мешаванд фаъолияти худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монанд.

## Гузариш аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ

Гузариш аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ танҳо аз оғози сол амалӣ карда мешавад. Ҳадди муқарраргардида барои фаъолият дар низомҳои имтиёзноки андозбандӣ, ки соҳибкори инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома амалӣ менамояд, 1 миллион сомонӣ дар 12 моҳи пайдарпайи тақвимӣ андоз муқаррар гардидааст. Дар мавриди аз 1 миллион сомонӣ зиёд шудани даромади умумӣ 12 моҳи пайдарпайи тақвимӣ, соҳибкори инфиродӣ, ки бо шаҳодатнома фаъолият менамояд, ӯҳдадор аст:

1. Агар дар яке аз 12 моҳи пай дар пайи тақвимӣ даромади ӯ аз ин ҳад зиёд шуда бошад, уҳдадор аст то санаи 10-уми моҳи минбаъда, барои қатъ намудани фаъолияти худ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ муроҷиат намуда, дар мавриди идома додани фаъолияташ худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирад.

2. Ҳамзамон, баъд аз таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар мавриди аз 1 миллион сомонӣ зиёд шудани даромади умумӣ аз санаи 1-уми моҳи минбаъдае, ки даромади субъект аз ҳаддӣ ниҳоӣ мегузарад, барои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда муроҷиат намуда, фаъолияти минбаъдаи худро дар низоми умумии андозбандӣ ба роҳ мемонад.

**Ҷамолиддин ЗОКИРЗОДА,**

**сармутахассиси шуъбаи хизматрасони ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Верховный суд США заслушает дела о налогах Трампа в 2020 году

**Верховный суд США заслушает три связанных друг с другом дела о финансовой информации президента Дональда Трампа в 2020 году, говорится в уведомлении суда.**

Как ожидается, решение может быть вынесено к июню следующего года, то есть до президентских выборов, на которых Трамп повторно выставил свою кандидатуру.

Ранее суды нижестоящих инстанций решили, что финансовые институты должны предоставить властям Нью-Йорка информацию о финансовых операциях Трампа, включая выплаченные им налоги. Банки и фирмы, от которых требовали документы, согласились их предоставить, но решения судов последовательно обжаловал Белый дом.

До того момента, когда дело будет рассмотрено по существу, документы предоставляться не будут, постановил Верховный суд.

Политические противники Трампа из числа демократов рассчитывают, что смогут найти в его финансовых документах нарушения. Трамп на протяжении многих лет был известен как бизнесмен и телеведущий, в политику он пришел только перед выборами 2016 года.

**Источник: https://ria.ru**

# Фаъолияти камсамар

**Ҳарчанд солҳои охир раванди ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул вусъат ёфтааст, аммо тавре аз омӯзишу таҳлилҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҳолати андозбандии иҷорадиҳандагони молу мулк дар мақомоти ҳудудии андоз ба талабот ҷавобгӯ нест. Зеро, тибқи маълумот, ба 1 декабри соли 2019 дар нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе на ҳамаи объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд пурра ба андозбандӣ ҷалб гардидаанд.**

## ё Чаро ҳолати андозбандии иҷорадиҳандагони молу мулк ба талабот ҷавобгӯ нест?



Тибқи маълумоти дастрасшуда аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафти иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар 11 моҳи соли 2019 дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ба андозаи 94,1 фоиз таъмин шудааст. Яъне аз 36,6 млн. сомонии нақшаи пешбинишуда дар давраи ҳисоботӣ ба буҷет ба маблағи 34,5 млн. сомонӣ андоз аз даромад ворид гардидааст, ки аз нақша 2,1 млн. сомонӣ ё 5,9 фоиз кам мебошад.

Нишондиҳандаи рафти иҷрои нақшаи пешбинишуда дар ин давра аз ҷониби ноҳияҳои Шоҳмансур дар ҳаҷми 127,9 фоиз, Исмоили Сомонӣ 89,9 фоиз, Фирдавсӣ 86,5 фоиз ва Сино 79,5 фоиз таъмин гардидааст.

Ба ҳолати 1 декабри соли 2019 дар ҳудуди шаҳри Душанбе 4714 нафар шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шуда, масоҳати умумии объектҳои баиҷорадодашуда 592,1 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Маблағи умумии аз ҳисоби иҷора бадастовардаи шахсони воқеӣ дар ин давра 244,9 млн. сомониро ташкил намуда, аз манбаи мазкур ба буҷети давлатӣ 31,8 млн. сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохти 29,5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк, 251 адади он дар 11 моҳи соли 2019 ба қайд гирифта шудаанд, ки уҳдадории пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромад барои субъектҳои мазкур санаи 1 апрели соли 2020 фаро мерасад.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, уҳдадоранд, ки эъломияро оид ба андоз аз даромад ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки фаъолияти нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар ин самт нокифоя буда, аз ҷониби на ҳамаи иҷорадиҳандагон эъломияи андоз аз даромад бо ҷамъбасти соли 2018 дар мӯҳлати муқарраршуда ба мақомоти андоз пешниҳод шудааст.

Қобили зикр аст, ки аз 4714 нафар шахсӣ воқеӣ - иҷорадиҳандаи молу мулк фақат 4167 нафар ба мақомоти андоз эъломия пешниҳод намудаанд, аммо шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияи андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, 547 адад ё 11,6 фоизро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андозии худро барои соли 2019 ба мақомоти андоз то ҳол пешниҳод накардаанд, дар ноҳияҳои Шоҳмансур 108 адад, Исмоили Сомонӣ 72 адад, Фирдавсӣ 132 адад ва Сино 176 ададро ташкил медиҳад.

Дар ин давра аз ҷониби нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе барои дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбати 567 нафар ё 79,4 фоизи шумораи умумии шахсони воқеие, ки эъломияи андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, тибқи талаботи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ таъин шудааст. Нишондиҳандаи рафти татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромад аз ҳисоби нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур 125 адад, Исмоили Сомонӣ 132 адад, Фирдавсӣ 147 адад ва Сино 183 ададро ташкил медиҳад.

Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар давраи солҳои 2016-2019 нишон додааст, ки бо дарназардошти анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ дар фаъолияти иҷорадиҳандагони молу мулк маблағи миёнаи иҷорапулӣ давра ба давра афзоиш ёфта, дар соли 2019 андозаи маблағи миёнаи иҷора ба як иҷорадиҳанда ба 52,0 сомонӣ баробар гардидааст. Ин нишондод дар ноҳияҳои Шоҳмансур 53,7 сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 85,4 сомонӣ, Фирдавсӣ 30,5 сомонӣ ва Сино 41,7 сомонӣ рост меояд.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули аз ҷониби шахсони воқеии баиҷорадодашуда, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди дар мақомоти андоз ба таври электронӣ ба роҳ мондани бақайдгирии ариза ва шартномаҳои иҷорадиҳангодагони молу мулки шахсони воқеӣ” аз 26 октябри соли 2017, №486 ба тавсиб расида буд. Дар асоси фармоиши мазкур барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва аз аввали моҳи марти соли 2018 инҷониб дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ёдовар мешавем, ки барномаи мазкур аз ду қисмат - “андозсупоранда” ва “мақомоти андоз” иборат мебошад. Барои дастрасӣ ба барномаи мазкур ва пешниҳоди аризаи электронӣ ҷиҳати бақайдгирии объектҳои молу мулк, иҷорадиҳандагони молу мулко зарур аст, ки аз хизматрасониҳои мақомоти андоз, ки дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгиранд, истифода карда, аз қайди баҳисобгирии мақомоти андоз гузаранд. Баъди пур кардани аризаи электронӣ онро бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз ирсол намоянд ва ҳамзамон, барои аз қайд баровардани объектҳои баиҷорадодаи худ тариқи электронӣ муроҷиат намоянд.

Тавре иттилоъ доданд, дар барномаи таҳиягардида иҷорадиҳандагони молу мулк метавонанд дар як вақт якчанд объектҳои баиҷорадодаи худро дар шакли электронӣ ба қайд гирифта, маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад, андозҳо аз объектҳои молу мулк ва қитъаҳои замини худро аз рӯи ҳар як намуди андоз аз назар гузаронанд.

Дар барномаи компютерӣ ба инобат гирифта шудааст, ки иҷорадиҳандагоне, ки чунин имконияатро надоранд, бақайдгирии объектҳои молу мулки баиҷорадодашудаи онҳо аз ҷониби кормандони мутасаддии мақомоти андоз анҷом дода мешавад. Ғайр аз ин, барномаи мазкур ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки баҳисобгирӣ ва бекор кардани баҳисобгирии шахсони воқеиро ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулки манқул ва ғайриманқул, ташаккули ҳисобварақаҳоро аз рӯи намуди андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз даромад, тартиб додани санади муқоисавӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи иҷорадиҳандагонро аз рӯи намуди объектҳои молу мулки ғайриманқул ба роҳ монанд. Ҳамзамон, назорати минбаъдаи фаъолияти иҷорагирон ва иҷорадиҳандагонро пайгирӣ карда, ба иҷорадиҳандагон барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз аз даромад ва пардохти маблағи андоз тариқи электронӣ огоҳинома ирсол намоянд.

Дар барнома шакли намунавии шартномаи иҷора ҷойгир шуда, объектҳои молу мулк аз рӯи ҳар як иҷорагир дар барномаи компютерӣ дар алоҳидагӣ ба қайд гирифта мешавад. Дар баробари ин, ҳангоми пур кардани ариза ҷиҳати бақайдгирӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ворид намудани маълумот вобаста ба суроғаи электронӣ ва телефони мобилии иҷорадиҳандагони молу мулк ба таври ҳатмӣ пешбинӣ гардидааст. Мақсад аз ҷой додани суроғаи электронӣ ва телефони мобилӣ дар аризаи бақайдгирӣ, асосан, бо мақсадаи баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва сарфаи вақти корӣ, инчунин тариқи электронӣ огоҳ намудани андозсупорандагон - иҷорадиҳандагони молу мулк тавассути СМС –паёмак оид ба пардохти саривақтии маблағи андозҳо ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда сари вақт пешниҳод намудани эъломияи андоз аз даромад ба мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани номгӯи иҷорагирандагон, маблағи иҷорапулӣ, масоҳати объекти баиҷорадодашуда мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулкро ҳамасола ба махзани маълумоти барномаи компютерӣ дохил намоянд, то маълумоти иҷорадиҳандагон дар ин самт мунтазам нав карда шаванд.

Натиҷагирии рафти ворид намудани маълумот ба барномаи компютерӣ дар соли 2019 нишон додааст, ки аз шумораи умумии иҷорадиҳандагон (4714 адад) ба ҳолати 1 декабри соли 2019 аз тарафи нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе маълумоти 2230 нафар иҷорадиҳанда ё 47,3 фоизи онҳо ба махзани маълумот дохил шудаанд, ки шумораи нуқтаҳои ба иҷорададошуда, дар маҷмӯъ, ба 6573 адад баробар аст.

Тафовути маълумоти иҷорадиҳандагони ба барнома вориднашуда дар ин давра мутаносибан дар ноҳияҳои Шоҳмансур 610 адад, Исмоили Сомонӣ 614 адад, Фирдавсӣ 388 адад ва Сино 872 ададро ташкил медиҳад.

Тавре зикр шуд, бо дарназардошти мавриди истифода қарор додани барномаи алоҳидаи компютерӣ вобаста ба баҳисобгирии шахсони воқеие, ки ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғул мебошанд, маъмурикунонии он дар мақомоти андоз то дараҷае беҳтар шуда, дар ин самт махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк таҳия гардидааст. Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷорадодашуда нишон доданд, ки дар шаҳри Душанбе 1549 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 4140 адад ҳамчун объектҳои тиҷоратӣ ва 884 адад дигар объектҳои молу мулк ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон, коркарди махзани маълумот нишон додааст, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе аз шумораи умумии нуқтаҳои ба иҷорададошуда (6573) 4123 нуқта ё 62,7 фоизи объектҳои баиҷорадодашуда ба соҳибмулконе рост меояд, ки аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошанд ва объектҳои молу мулки худро ба иҷора додаанд, ки маблағи умумии иҷорапулии онҳо дар як сол ба ҳисоби миёна 120,9 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Аз рӯи маълумоти таҳлилӣ муайян шудааст, ки дар ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе 2141 нафар сокини дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ объектҳои молу мулкро бо мақсадҳои гуногун ба иҷора гирифтаанд, ки маблағи умумии иҷорапулии онҳо дар як сол ба 62,8 млн. сомонӣ баробар мебошад. Дар баробари ин, дар ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе 460 нуқтаи савдо ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва намояндагони ташкилотҳои тиҷоратию байналмилалӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷора дода шудааст, ки маблағи умумии иҷорапулии онҳо 13,8 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқулро зарур аст, ки ҳангоми ба иҷора додани объектҳои молу мулки худ онро дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ бигиранд ва маблағи иҷорапулиро сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# «Боҷу хироҷ» – инъикосгари воқеият

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» бисту-яксола шуд. 1200-умин шумораи он чоп ва дастраси хонандагон гардид. То ба ин ҳад расидан ин на-шрия шебу фарозҳоро тай намуд. Вақте «Паёми андоз» (ҳоло «Боҷу хироҷ») арзи вуҷуд кард, бисёриҳо ба пойдории он шубҳа доштанд. Ин бесабаб набуд, зеро он замон кам набуданд нашриёҳои наве, ки ба душвориҳои иқтисодии давраи гуза-риш муқовимат карда натавониста, баъди баровардани якчанд шумора аз фаъолият бозмонданд. Аммо «Па-ёми андоз» тоб овард, истодагарӣ намуд, монеаҳоро паси сар кард, пеш рафт ва обутоб ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти матбуотро дар ҳаёти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъкид карда, аз ҷумла чунин қайд намудаанд: «Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаю маҷаллаҳо ва телевизиону радио, ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа, метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд».

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба май-дони матбуоти тоҷик бо нигоҳи хоси худ ворид шуд. Вақте ин нашрия арзи ҳастӣ намуд, дар фаъолияти мақомоти андоз гӯё дигаргуние ба амал омад. «Боҷу хироҷ», ҳамчун нашрияи соҳаи андоз, дар давраи гузариши мамлакат ба марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ҳамкории зичи мақомоти андозро бо ан-дозсупорандагон таъмин намуд. Андозсупорандагон дар саҳифаҳои ин рӯзнома натанҳо ба мафҳумҳои соҳаи андоз ошно шуданд, балки дар бораи моҳияти андозҳо, аҳамияти онҳо дар ҳаёти давлат, мақсад ва вазифаҳои андозу буҷет, маъмурику-нонии андоз, фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин садҳо мафҳумҳои нави соҳа тасаввурот пайдо карданд. Рӯзнома, ҳамчунин, ба қавле, танзимгари фа-ъолияти ҳар як корманди мақомоти андоз ва оинаи фаъолияти онҳо гардид.

Воқеан, дар идораи рӯзнома муҳити солими эҷодӣ ҳукмфармост. Маҳз бо кӯмаку дастгирии роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба-рои кормандони нашрия шароити хуби корӣ фароҳам гардидааст, ки чунин иқдому тадбирҳо, албатта, ба самаранокии шудани фаъолияти рӯзноманигорон ва ҷолибтар гарди-дани рӯзномаи «Боҷу хироҷ» мусои-дат намуда истодааст.

Муҳтавои маводи рӯзнома дар самти дарбаргирии мавзӯъҳои соҳаи андоз имрӯз ба таври чашмрас тағйир ёфта, шумораи хонандагонаш қариб ба 80 ҳазор нафар расидааст. Ин теъдод ҳадди ниҳоӣ набуда, идо-раи рӯзнома минбаъд барои боз ҳам беҳтар намудани мазмуну муҳтаво доираи васеътари хонандагонашро фаро хоҳад гирифт.

Аҳли эҷоди нашрия ифтихор до-ранд, ки дар ҳама гуна пешравию дигаргуниҳои ҳаёт ва ҷомеа, рушди иқтисод, шукуфоии Ватан, ғанӣ гар-донидани қисми даромади буҷети давлатӣ ва осудагии рӯзгори халқ ба қадри тавону имкон ҳисса мегу-зоранд.

Умед дорем, ки «Боҷу хироҷ» мин-баъд низ мавқеашро мустаҳкамтар, ҳамкориашро бо шаҳрвандон зичтар карда, ҷолибу рангинтар мегардад ва дар рушду нумуи мақомоти андоз ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорандаҳо мусоидат меку-над.

**Ҷашни «Боҷу хироҷ» муборак!**

**«Боҷу хироҷ»**

# Асрори муваффақияти миллионерҳо

**(Аввалаш дар шумораи гузашта)**

Ғояҳо, кашфиётҳо ва стратегияҳое, ки дар асари мазкур дарҷ ёфта-анд, барои миллионҳо одамон: чи сарватман-дон ва чӣ камбизоа-тону миёнаҳолон ба-рои ноил гардидан ба муваффақияти молиявӣ ҳамчун таҳкурсӣ хидмат кардаанд. Умедворем барои шумо низ сама-раи нек мебахшанд.

Бештар аз 90 фои-зи онҳое, ки имрӯз аз ҷиҳати моддӣ маваффақ мебошанд, аз кисаи холӣ ё қариб холӣ оғоз намудаанд. Ба ҳисоби миёна, ҳар як миллио-нере, ки пулхоашро худ кор карда ёфтааст, 2 ё 3 маротиба ва зиёдтар аз ин муфлис шудааст ва ё дар вартаи муфлисшавӣ қарор гирифтааст. Ак-сари одамони молдор бештар бо нокомӣ рӯ ба рӯ шудаанд, пеш аз он ки ниҳоят ҳамон имко-ни мувофиқро дарёфт намудаанд, ки онҳоро ба муваффақияти молиявӣ расонидааст. Ва он чизеро ки садҳо ва миллионҳо нафар ода-мон иҷро карда, сарват-манд гардидаанд, шумо низ комилан анҷом дода метавонед.

Қонуни қатъии тақдири инсон ин қонуни сабаб ва оқибат мебошад. Вай одӣ аст, бо вуҷуди ин хеле тавоно мебошад. Мувофиқи ин қонун ҳар як натиҷаи муайян сабаби мушах-хас дорад. Барои ҳар як амал оқибати муайян вуҷуд дорад. Ин қонун тасдиқ мекунад, ки маваффақият кори тасо-дуф нест. Муваффақияти молиявӣ натиҷаи он аст, ки шумо ҳар дафъа амалҳои комилан муай-ян ва мушаххасро иҷро мекунед ва онҳоро то замоне такрор менамо-ед, ки ба натиҷаи дилхоҳ – мустақилияти молиявӣ ноил гардед.

Шумо як чизи би-сёр муҳимро дар хотир нигоҳ доред, ки ҳеҷ кас аз шумо беҳтар нест ва ҳеҷ кас аз шумо донотар нест. Ҳама гуна фикри дигарро аз сар берун кунед.

**Таҳияи Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Анъанаҳои солинавӣ

Мардум соли навро ҳанӯз аз замонҳои қадим ҷашн мегирифтанд. Бостоншиносон ҳини кофтуков аз Мисри қадим шикасатапо-раи кӯзаеро бо навиштаҷоти «Ибтидои соли нав» пайдо намуданд. Тибқи сарчашмаҳо, дар Мисри қадим Соли навро ҳангоми дамидани дарёи Нил ҷашн мегирифтанд, ки он тақрибан ба охирҳои моҳи сентябр рост меояд. Мардуми Мисри қадим дар Соли нав ҳайкалҳои худояшон Амон, зани ӯ ва писарашро дар киштие мегузоштанд ва як моҳ дар дарёи Нил шино мекарданд. Одамон дар ин муддат дар даруни киштӣ базм меоростанд. Сипас, ҳайкалҳоро боз ба ибодатгоҳ меоварданд.



**Дар Ҷумҳурии мо Соли нав ҳамасола ҷашн гирифта мешавад. Дар кӯчаҳо арчаҳои орододашуда гузошта, ҳар гуна чорабиниҳои солинавӣ баргузор мегарданд. Мардум ин ҷашнро рамзи оғози сол меҳисобанд.**

Дар Рими қадим одамон ҳанӯз ба ҳамдигар тухфаҳои солинавӣ тақдим мекар-данд ва шаби соли навро бо базму тараб ме-гузарониданд. Римиён соли навро пештар дар аввали моҳи март ҷашн мегирифтанд. Аммо Юлий Сезар ба ин ҷашн тағйирот во-рид намуд. Ҳамин тавр, ҷашни Соли нав ба рӯзи якуми январ гузаронида шуд. Номи моҳ ба шарафи худо Янус гузошта шуда буд. Иди Соли навро «календа» мегуфтанд. Одамон дар ин муддат хонаҳояшонро оро медоданд ва ба ҳамдигар туҳфаҳо тақдим мекарданд, ғуломону хӯҷаинҳо якҷоя хурсандӣ мекарданд. Римиёни сарватманд дар Соли нав ба император туҳфаҳо медо-данд. Аввалҳо ин амали ихтиёрӣ буд, вале баъдтар хусусияти анъанавӣ касб намуда, императорҳо худашон аз мардум даъвои тӯҳфа мекарданд.

Келтҳо ва сокинони Галлия (ҳудуди Фа-ронсаи ҳозира ва қисми Англия) Соли навро дар охири моҳи октябр ҷашн мегирифтанд. Дар Соли нав келтҳо хонаҳояшонро бо шохчаҳои дарахт оро медоданд, то ҷинҳоро аз хона дур кунанд. Онҳо ақидае доштанд, ки гӯё дар Соли нав арвоҳи мурдагон аз нав зинда мешуда бошад. Келтҳо аз римиён бисёр урфу одатҳоро қабул карда буданд. Шоҳони онҳо низ аз халқ туҳфаҳо меситони-данд. Мардум ба императорони худ, аслан, тиллову ҷавоҳирот туҳфа мекарданд. Пас аз чандин аср малика Елизавета I як маҷмӯаи калони дастпӯшакҳои ҷавоҳиротдорро ҷамъ оварда буд.

Соли нав дар Англия дар асрҳои миёна дар ибтидои моҳи март ҷашн гирифта ме-шуд. Бо қарори парлумон рӯзи ҷашнгириро ба 1 январи соли 1752 гузарониданд, ки ин ба занҳо хуш наомад. Намояндагони занон ба парлумон ифтироз намуданд, ки ҳукумат ҳуқуқ надорад синни занҳоро то ин андоза зиёд нишон диҳад.

Дар замони қадим Соли навро аксари вақт дар баҳор ҷашн мегирифтанд, зеро дар ин давра табиат аз нав зинда мешуд. Дар Русия низ Соли навро 1 март ҷашн мегирифтанд. Дар асри XIV калисои ҷомеи Маскав қароре баровард, ки мувофиқи он Соли нав 1 сентябр аз рӯи тақвими юнонӣ ҷашн гирифта мешуд. Танҳо дар соли 1699 Пётри I баъд аз Аврупо баргаштан, бо фар-мони махсус солшумориро аз 1 январ сар кард ва ин рӯзро Соли нав хонд.

Дар Бобулистони қадим Соли навро баҳорон ҷашн мегирифтанд. Дар давраи ҷашн шоҳ то шаш рӯз аз шаҳр берун мерафт. Дар вақти на-будани шоҳ мардум ба корҳои дилхоҳашон машғул мешу-данд. Баъди баргаштани шоҳу дарбориёнаш халқ аз пайи кори худ мерафт. Ҳамин тавр, ба ақидае одамон ҳар сол ҳаётро аз нав сар мекарданд.

Бояд зикр намуд, ки омодагӣ ба ҷашни Соли нав дар ҳар як оила чанд рӯз пеш аз ид сар мешавад. Одамон хонаҳоро оро медиҳанд, дарахти арча мегузоранд, ва мизи идона меороянд. Халқу миллатҳое, ки Соли навро ҷашн мегиранд, анъанаҳои ба худ хосеро қабул наму-даанд. Масалан, ҷопониҳо хӯрокро аз карами баҳрӣ, лӯбиёву нахӯд ва моҳии ҷӯшонидашуда тайёр мекунанд. Дар рӯи мизҳои идонаи мардуми Австрия, Вен-грия, Югославия қариб, ки ягон хӯрокеро аз гӯшти паранда омода намекунанд. Ба ақидаи онҳо бо тайёр кардани хӯрок аз гӯшти паранда метавонад хушбахтӣ парида равад.

Дар шаби Соли нав кубагиҳо, испаниҳо, португалиҳо бояд 12 донаи ангурро бихӯранд. Яъне 12 орзуе, ки ҳар яке дар як моҳ бояд амалӣ шавад. Бояд гуфт, ки ба ақидаи онҳо ангур рамзи фаровонӣ ва хуш-бахтии оилавӣ мебошад.

Чормағз, мош ва ангур барои итолиёвиҳо рамзи саломатӣ, комёбиҳо ва дарозумрӣ мебошанд. Дар Русия қариб ҳар як мизи идонаро пирогҳо, карамшӯрбо ва таомҳо аз моҳӣ оро медиҳанд. Дар Словакия ва Чехия дар мизи идона ҳатман карам, ҳасиб, моҳӣ, шӯрбои занбӯруғӣ ва кулчақандҳои асалии омехта бо ширро мегузоранд.

Иди Соли навро дар Фаронса метавон иди «сафедиҳо» номид. Дар рӯи миз шамъ-дон бо шамъҳои сафед, меваҳои тару тозаи бо шакар рӯйкашшуда гузошта мешаванд. Дар Италия ҳам таомҳои анъанавии соли-навии махсус мавҷуд аст.

Дар Лаҳистон 13 намуди хӯрок ба мизи бо дастархони сафед орододашуда гузошта мешаванд. Хӯроки солинавӣ бо моҳишӯрбо ва таоми замбӯруғӣ сар мешавад.

**Таҳияи Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

**Бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон рӯзҳои 21-22 декабри соли ҷорӣ дар донишгоҳи мазкур озмуни ҷумҳуриявии "Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019" дар ду марҳала - тестӣ ва шифоҳӣ баргузор гардид. Дар даври аввали озмун, ки тариқи тестӣ гузашт, зиёда аз 100 довталаб аз тамоми муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ ширкат намуданд.**



# Озмуни «Беҳтарин донандаи Кодекси андоз»

Дар оғоз муовини ректор оид ба илм, дотсент Баҳром Сафаров суханронӣ намуда, нақши гузаронидани чунин озмунҳоро дар боло бурдани донишҳои иқтисодию ҳуқуқӣ дар самти қонунгузории соҳаи андози кишвар муҳим арзёбӣ кард. Зикр шуд, ки тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдории кишвар 10-уми майи соли равон баён гардиданд, ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №АП -1236 дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав таъсис дода шудааст.



Сипас раиси комиссияи экспертии озмун, сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров оид ба раванди баргузории озмун маълумот дод.

Ба марҳалаи шифоҳӣ аз 100 нафар иштирокчӣ танҳо 11 нафар беҳтаринҳо роҳ ёфтанд ва бо тариқи суолу ҷавоб аз ҷониби мутахассисон санҷида шуданд. Дар даври ҷамъбастӣ раиси комиссияи озмун, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода, муовини раиси комиссия, сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров, аъзоёни комиссия, муовини сардори Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии Вазорати молия Шамсулло Каримов, мутахассиси Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии Вазорати молия Дилшод Мирзобоев, сардори Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз Акбар Ҳалимхонов, директори пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Молия» Хуршед Ҷумабоев ва котиби комиссия, мудири кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ Ислом Тоҳиров ба донишҷӯён вобаста ба Кодекси андоз ва қонунгузории самти андозбандии кишвар суолҳо пешниҳод намуданд.

Дар ҷамъбасти озмун ректори ДДМИТ Шукрулло Хайрзода суханронӣ намуда, ташкили чунин озмунҳоро дар боло бардоштани савияи дониши донишҷӯён ва ҳавасмандгардонии онҳо муҳим арзёбӣ кард. Мавсуф изҳор дошт, ки имрӯз бо талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба таҳсил фаро гирифтани муҳассилини макотиби олии ҷумҳурӣ ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Ташкил ва гузаронидани ин қабил озмунҳо ба донишҷӯёни манотиқи гуногуни кишвар имконият фароҳам меорад, ки бо раванди таълим ва ҳаёти донишҷӯёни пойтахти ҷумҳурӣ аз наздик шинос шаванд. Аз ҷониби ректор омодагии ҳамешагӣ барои ташкилу баргузории ин қабил чорабиниҳо ва ҳамкориҳо изҳор гардид.

Дар охир ғолибон муайян ва бо мукофотҳо қадрдонӣ карда шуданд. Ҳамин тавр, бо гирифтани 109 имтиёз ҷои якум ва беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 Илҳом Садриддинов - донишҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҷои дуюм насиби Маҳина Бобохонова - донишҷӯи Донишгоҳи давлати тиҷоратии Тоҷикистон ва Хизралӣ Ҳасанов - донишҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҷои сеюм ба Алишер Азимов - донишҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Аъзам Давлатов, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дода шуд. Ба ғолибони озмун Дипломи ҷои якум ва туҳфаҳо супорида шуд. Инчунин, ба Ҷумахон Давлатов, Идибои Саъдулло, Исоқҷон Кулдашев, Нилуфар Раҳимова, Ҷаҳонгир Содиқов ва Манучеҳр Файзибоев барои иштироки фаъолона бо Ифтихорномаи ДДМИТ ва тӯҳфаҳо қадрдонӣ карда шуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ, таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои компютерӣ, сохмон додани махзанҳои электронии маълумот ва шабакаҳои ягонаи дохилӣ ва байниидоравии электронӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.**

Тавре Сардори шуъбаи коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандии Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусния Юнусова мегӯяд, ҷиҳати ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани модулҳои компютерӣ, дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва модулҳои компютерии он мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Барои беҳтар намудани маъмурикунии андозҳо, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз аз оғози соли 2019-ум зиёда аз 36 адад модули нави хизматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аз ҷумла, дар соли 2019 модули таҷдидшудаи компютерии "Утоқи шахсии андозсупоранда" таҳия гардида, мавриди истифода қарор дода шуд. Афзалияти барномаи нав аз барномаи қаблан амалкунанда дар он мебошад, ки субъектҳои хоҷагидоре, ки ба ин барнома пайваст мебошанд, илова ба имконияти ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳояшон, метавонанд тавассути барномаи мазкур доир ба тағйирот ба қонунгузории андоз ва такмили маъмурикунонии андоз маълумот пайдо намоянд. Дар навбати худ мақомоти андоз низ имконият доранд, ки тавассути он ба андозсупорандагон маълумоти зарурииро дар шакли электронӣ ирсол намоянд. Қобили қайд аст, ки ба ғайр аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин барои шахсони воқеӣ низ барои ба модули нави "Утоқи шахсии андозсупоранда" пайваст шудан имконият фароҳам оварда шудааст.

Инчунин, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, аз 1 июни соли 2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ тартиб додани санади муқоисавӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки минбаъд андозсупорандагон метавонанд санади муқоисавиро бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Ҳамзамон, барои андозсупорандагоне, ки имконияти дастрасӣ ба Интернет, ё имконият ва малакаи кофии ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои мазкурро надоранд, дар биноҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна, ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе, шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар ва Хуҷанд ҳуҷраҳои алоҳида, терминалҳо ҷиҳати пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисобнома-фактураҳо дар шакли электронӣ ҷудо карда, бо компютерҳо муҷаҳҳаз гардонида шудаанд

Мақомоти андоз барои дар фаъолияти худ фаъолона истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ҳозиразамон ва беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳо ба андозсупорандагон минбаъд низ чораҳои мушаххас меандешанд.

**М. УСМОНОВА,**

**корманди шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# На Украине обнародовали полный список объектов для приватизации

**Фонд государственного имущества Украины впервые обнародовал полный перечень всех объектов, подлежащих приватизации, сообщила в четверг пресс-служба фонда.**

Ранее президент Украины Владимир Зеленский поручил до 1 декабря подготовить большие государственные предприятия к приватизации и провести первый такой конкурс не позже 1 апреля. Кроме того, он среди прочего поставил задачу Минэкономики начать подготовку к масштабной приватизации. После этого замминистра экономики Павел Кухта заявлял, что как минимум пять крупных и 300 малых предприятий должны быть приватизированы в 2020 году.

«В частности, речь идет о 187 пакетах акций и единых имущественных комплексов государственных предприятий, 139 объектах незавершенного строительства, 46 объектах социально-культурного назначения и 357 позициях отдельного имущества», - сообщается на сайте фонда.

Перечень включает совершенно разные объекты малой приватизации по всей территории Украины – как целые морские порты, заводы и базы отдыха, так и гаражи, столовые и бани. «Прозрачная и конкурентная приватизация этого имущества дает возможность повысить эффективность его использования, уменьшить коррупцию и наполнить государственный бюджет как путем средств от приватизации, так и благодаря будущим налогам», - сообщила пресс-служба.

Отмечается, что продажа объектов приватизации проходит исключительно через аукционы системы ProZorro. К середине января уже запланировано 165 аукционов.

**Источник: https://ria.ru**

# Тору пудаш журналист буд

**Рӯзи 26 декабр ба таъсисёбии рӯзномаи «Боҷу хироҷ» 21 сол пур мешавад. Ҳар сол мо, аҳли кормандони рӯзнома дар ин рӯз фаъолияти солонаамонро натиҷагирӣ карда, барои соли дарпешистода нақшаҳо месозем. Ҳамин амалро Исматулло Ибодзода - сармуҳаррири собиқи рӯзнома, ки аз рӯзи таъсисёбиаш то 18 соли дигар сарварии рӯзномаро ба уҳда дошт, анъана намуда буд. Имсол ҳам рӯзи тавлиди рӯзномаро ба таври хоксорона таҷлил карданӣ будем ва ният доштем ба он Исматулло Ибодзодаро даъват карда, андешаҳояшонро дар бораи мазмуну муҳтавои рӯзнома шунавем. Аммо умр вафо накард ва сармуҳаррири аввалини рӯзнома дар соле, ки мегузарад, дунёро падруд гуфт. Ҳарчанд Исматулло Ибодзода аз дидаҳои мо рафт, вале дар дилҳоямон боқӣ мондааст. Мақолаеро, ки дар ин шумора ба табъ мерасонем, намунае аз хотироти неки дӯстону ҳампешагонаш буда, дар рӯзи таъсисёбии рӯзномаи «Боҷу хироҷ» хотираи дӯстамонро бори дигар зинда мегардонад.**



## НАХУСТИН ДИДОР

Баъди хатми бахши журналистикаи факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон дар шуъбаи кишоварзии нашриёти «Ирфон» ба ҳайси муҳаррири хурд ба кор қабул шудам. Басо хурсанд будам, ки бо як қатор адибони номдору шахсиятҳои шинохтаи кишвар дар ин даргоҳи муътабар ҳамнишаст шудам. Корҳоям бо маром пеш мерафтанд. Рӯзе дар маъракаи хурсандии яке аз дӯстон бо журналист Исматулло Ибодов, ки ғоибона мешинохтамаш, вохӯрдам. Бо ман ҳолпурсикунон дар омади гап аз вазъи корҳоям пурсон шуду бо ҷиддият гуфт: -Биё, ҳамроҳ кор мекунем!

Ростӣ, барои қабул ё рад намудани ин даъват зиёд андеша кардам. Агар равам, чӣ мешаваду наравам чӣ? Кор дар нашриёт бароям гуворо буд. Бо коллектив зуд унс гирифтам. Пешравиҳоям ҳам умедворкунанда буданд. Ҷойи гармамро хунук кардан нахостам. Бо вуҷуди ин, кадом қуввае оромам намегузошт. Ниҳоят, ба қароре омадаму назди директори нашриёт Абдулвосеъ Сангинов, ки ҳамсабақи акои Исматулло буд, даромада, матлабамро баён кардам.

- Маро ба рӯзномаи «Коммуна» ба кор даъват карда истодаанд. Намедонам, чӣ ҷавоб гардонам, - гуфтам суоломез.

- Ҳоло муҳаррираш кист? –пурсид сарвари нашриёт.

-Исматуллои Ибод, - посух додам ман.

– Наход?! Ҳоло Исматулло муҳаррир шуд, гӯй, - гуфта, ба андеша рафт Абдулвосеъ Сангинов. - Умед доштам, баъди хатми мактаби олии партиявӣ ба ягон вазифаи баландтар таъин мешавад. Маълум, Исматулло касбашро сахт дӯст медорад. Охир ӯро тору пудаш журналист . Барои ҳамин кори дигарро қабул накардааст, - хулоса баровард ӯ. - Маро дар ҳолати ногувор гузоштӣ, ҷӯра. Мо аз ту умеди калон дорем. Лекин модоме ки Исматулло даъват карда бошад, чӣ ҳам гӯям, ихтиёр ба худат. Бо Исматулло барин журналист ҳамкор шудан шараф аст. Инро ман мегӯям, зеро табиати ӯро хуб омӯхтаам...

## ҲАМКОРӢ ДАР «КОММУНА»

Ҳамин тавр, расо баъди ду солу панҷ моҳи фаъолият дар нашриёт бо даъвати акои Исматулло ба идораи рӯзномаи «Коммуна" гузаштам. Лаҳзаҳои аввали ҳамкорӣ дар лавҳи хотир нақш бастаанд. Ҳар рӯзи душанбе «летучка» мешуд. Маҷлис барои баррасии бурду бохти як ҳафтаи кор ниҳоят ҷиддӣ мегузашт. Баҳсу мунозираи доманадор сурат мегирифт. Ба муаллифони нигоштаҳои сарсарӣ маслиҳатҳо дода мешуду мақолаҳои хуб қадрдонӣ мегаштанд. Муаллиф соҳиби мукофотпулӣ мешуд. Маблағи мукофотпулӣ бо имзои муҳаррир дар дафтарчаи меҳнатӣ сабт мегашт. Ҳама ҳавасманд будем. Ҷаҳду талош мекардем, ки ягон мақолаи ҷолиб навишта, ғолиби ҳафта гардем. Бо ҳамин минвол бештари кормандони рӯзнома бо маслиҳату тавсияҳои Исматуллои Ибод маҳорати касбии худро такмил медоданд, иддае журналистони номдору шинохта гаштанд.

Ҷонфидоию ҷоннисори касби худ буд акои Исматулло. Сахт талош мекард, ки нигоштаҳояш рӯякию дилбазан набошанд. Ҳатто дар навиштани одитарин хабар ҳам ҷиддӣ буд. Барои пайдо кардани сарлавҳаи нишонрас муддатҳо ғарқи андеша мешуд. Ҳамин ки ягон чизи тозае ёфт, кӯдаквор шод мегашт. Бо камбудиҳо оштинопазир буд. Ҳамин ки саҳлангорӣ ё камфаъолиятии ягон роҳбар ё идораро мушоҳида мекард, дарҳол бо супориши ӯ мухбирон мақолае нашр карда, барои ислоҳи вазъ масъалагузорӣ менамуданд. Меҷӯшид, мехурӯшид, туғён мекард. Ягона нияташ соҳибэътибор гардонидани рӯзнома буд. Дар ҳама ҳолат журналистонро ҳимоя мекард. Намегузошт, ки касе ба мухбирон носазо гӯяд. Мардум дар симои редаксияи рӯзнома мушкилкушои худро ёфтанд. Азму талошҳои пайваста самари нек оварданд. «Коммуна» ба як мактаби эҷодии ниҳоят пурқуввате бадал гашт. Мардум рӯзномаро ҷустуҷӯ мекарданд, мехонданд ва ихтиёрӣ обуна мешуданд. Қобилияти баланди ташкилотчигии Исматуллои Ибод, хусусан, дар маъракаи обуна равшан зуҳур мекард. Аз роҳу усулҳои ҷадид кор мегирифт. Фаъолонро ҳавасманд мекард. Тавассути ин тадбирҳо «Коммуна» аз ҷиҳати теъдоди обуна миёни рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ мунтазам яке аз ҷойҳои аввалро соҳиб мегашт.

Бо ташаббускориҳои муҳаррири «Коммуна» Исматуллои Ибод рӯзнома дар якҷоягӣ бо кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи ноҳия якчанд чорабинии муҳим, аз ҷумла озмуни мукофоти ба номи Карим Исмоиловро амалӣ карда буд. Дар он озмуни бонуфуз саркорони номвари диёр, ки дар бобати рӯёнидани ҳосили фаровони маҳсулоти кишоварзӣ таҷрибаи назаррас доштанд, ширкат меварзиданд. Сабқат шаффоф натиҷагирӣ мешуд. Ғолибонро идораи рӯзнома муайян мекард. Тавассути ин иқдом чанд нафар деҳқонони асил соҳиби тухфаҳои пурарзиш гашта буданд.

Ёдам ҳаст, ки барои пешниҳоди рубрика ё сарлавҳаи нав миёни кормандон озмун эълон шуда буду назорат ҷиддӣ буд. Ҳамаи кормандони эҷодӣ дафтари луғат кушода буданд. Бахри бештар азхуд кардани калимаю ибораҳои душворфаҳм ва хубтар омӯхтани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ сабқат эълон гашта буд. Бо боварӣ гуфта метавонам, ки бисёре аз мухбирон маҳз дар ҳамин давра забондону луғатшинос шуданд.

Исматуллои Ибод, ки то сармуҳаррири «Коммуна» таъин шуданаш дар рӯзномаҳои «Ҳаёти нав» (ноҳияи Панҷ), «Коммунисти Қӯрғонтеппа», «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Комсомоли Тоҷикистон» вазифаҳои масъулро иҷро мекарду таҷрибаи ғанӣ андӯхта буд, мехост ҳамаи ҳамкоронаш журналистони хуб бошанд. Бо мақсади пурқувват намудани ҳайати эҷодӣ як идда қаламкашони зодаи диёрамонро, ки дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамар доштанд, ба кор даъват кард. Аксарият, ки қобилияти баланди роҳбарӣ доштан ва мушкилкушо будани ӯро медонистанд, аз маркаб ба рӯзномаи шаҳрӣ омада, ба мактаби эҷодии асосгузоштаи Исматуллои Ибод пайвастанд. Муроди Нуриён, Амруллои Забир, Исломи Ниёз ва муаллифи ин сатрҳо худро бо ифтихор шогирдони ин рӯзноманигори нотакрор меҳисобанд.

Тақдир будааст, ки тайи фаъолияти бештар аз сисолаи рӯзноманигорӣ бо панҷ нафар муҳаррирон ҳамкор гаштаам. Ҳар яке мақому мартабаи худро доштанд. Аммо миёнашон Исматулло нотакрор буд.

## БУНЁДГУЗОРИ «БОҶУ ХИРОҶ»

Исматуллои Ибод муддате дар вазифаҳои роҳбарӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла муовини якуми раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Кофарниҳон (солҳои 1990 – 1993) фаъолият дошт. Ду сол сарвари гармхонаи «Тобистон" ҳам буд. Ду даъват вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия интихоб гардидааст. Дар ҳама ҷо софдилона меҳнат мекард. Ҳар ҷое қадам мегузошт, пайи ободию пешрафт буд. Ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ӯро ҳамчун ҳоҷагидор низ шинохта гардонд.

Агарчи дар хоҷагӣ дастовардҳо дошту аҳли заҳмат эҳтиромаш мекарданд, дилаш кашоли эҷод буд. Ҳамин дилкашолӣ ба даргоҳи маркази иттилоотии Тоҷикистон - «Ховар» овардаш ва чанде ин ҷо фаъолият намуд. Марди корозмуда будану серғайратиаш маълум гашта буд. Рӯзе яке аз дӯстони қадршиносаш барои ҳамкорӣ ба идораи мақомоти андози шаҳри Душанбе даъваташ намуд. Камари ҳимматро мустаҳкам баста, пайи иҷрои вазифаи нав шуд.

- Он айём Хол Машрабов раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Масъалаи ташкил намудани рӯзномаи соҳавиро ба миён гузошта, вай ба масъулин супориши пайдо карданӣ сармуҳаррири арзандаро медиҳад, - ҳикоя кард бародари Исматулло акаи Неъматулло ва илова намуд: - Ҳамин асно сардори раёсати кадрҳои Кумитаи андоз ҳуҷҷатҳои Исматуллои Ибод дар даст назди раис медарояду арз мекунад, ки сармуҳаррир бо пойи худаш омадааст. Баъди як суҳбати кутоҳ раис ба марди кордону устоди сухан будани Исматулло боварӣ ҳосил мекунаду ин вазифаи пурмасъулиятро ба зиммаи ӯ мегузорад. Ҳамин тавр, соли 1998 бо дастгирии раиси Кумитаи андоз ва талошҳои Исматулло ҳафтаномаи «Паёми андоз», ки баъдтар номи «Боҷу хироҷ»-ро гирифт, арзи ҳастӣ кард. Исматуллои Ибод, ки дар ҷодаи рӯзноманигорӣ таҷрибаи ғанӣ дошт, журналистони беҳтаринро ба кор қабул карда, «команда»-и пурқувват ташкил намуд. Дар андак муддат як нашрияи соҳавиро ба қатори рӯзномаҳои номдори кишвар шомил намуд. «Боҷу хироҷ» вирди забонҳо гашт ва дар фазои иттилоотии кишвар мавқеъ ёфт. Акои Исматулло 18 соли умри гаронмояи худро ба рушди ин нашрия бахшид.

Соле пеш, ба ифтихори бистсолагии ба табъ расидани нахустин шумораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» нашри махсуси он бо номи «20 сол дар масири рушд» интишор ёфта буд. Дар ҳамин ҷо нигоштаҳои собиқ сармуҳаррири ҳафтанома Исматуллои Ибод «Ҷозибаи меҳру муҳаббати ману «Боҷу хироҷ» абадист» пешкаши хонанда гаштааст, ки сатрҳои мазкурро дорост: «Дар матбуоти тоҷик аз лиҳози фикр як вақфе пайдо шуд, ки онро ҳафтавори «Боҷу хироҷ» ба вуҷуд овард. Ҳеҷ рӯзномае чун «Боҷу хироҷ», ба андешаи ман, солҳои аввали нашр ҷило ва рӯшноию фурӯғро надошт. Мо – як идда рӯзноманигорон рӯзҳои нахустини нашри «Боҷу хироҷ» чунин андеша доштем, ки суханварӣ мисли як рӯдхона аст, он бояд муттасил дар ҳаракат бошад ва ба дарё бирезад, ба дарёи сухан. Он рӯзҳо моро лозим омад, ки сухани ноб биҷӯем, то он ҷилодор бошаду сайқалёфта ва дурахшанда. Барои як марворид садҳо садафи тиҳиро боястӣ аз жарфнои рӯдборҳо берун кашид».

Гумони ғолиб он аст, ки модари бузург писари ватандӯсту ватанпарвари худро танҳо ба хотири ба мардуму кишвари азизаш софдилона хизмат намудан ба дунё овардааст. Дар асл ҳам «Боҷу хироҷ», сарвари он Исматуллои Ибод чун марворидҳои гаронбаҳо дурахшон гаштанд.

Исматуллои Ибод то охири умр вазифаи мудирии шуъбаи очерк ва публитсистикаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро бар уҳда дошт. Китобҳояш бо номҳои «Раҳоварди сафед», «Накҳати Ромит», «Мӯниси дил», «Марвориде аз дарёи ақл» пешкаши ҳаводорони аҳли завқ гардидаанд. Қиссаҳои ҳуҷҷатии «Ҳокими Азим», «Бозтоби тақдир» ва «Манижа» аз ҳунари баланди нависандагии Исматуллои Ибод башорат медиҳанд. Ҳайфо, ки дар айни авҷи камолоти эҷодӣ риштаи умри ин адиби хушзавқ канда шуду боз гуфтаниҳои зиёде дар қалби пурмеҳраш човидона маҳфуз монданд.

**Музаффари ИМОМ,**
**журналист**

# Нақши иттифоқи касаба дар танзими фаъолияти меҳнатӣ

«Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон бояд фаъолияти худро ба талаботи замони муосир мувофиқ намуда, барои амалисозии сиёсати давлат оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист, таъминоти иҷтимоӣ ва суғурта, назорати ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, таълим ва такмили ихтисоси кадрҳои иттифоқи касаба чораҳои мушаххас андешад».

*Ин нуктаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 октябри соли 2019 зимни мулоқот бо роҳбарону фаъолони иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ баён намуданд. Дар ин робита бо раиси кумитаи иттифоқи касабаи кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Ҳалимхонов суҳбате доир намудем, ки онро пешкаши хонандагон мегардонем.*



**- Акбар Ҳалимхонов, саравввал оид ба фаъолияти кумитаи иттифоқи касаба, ҳайати он ва корбарӣ дар ин ниҳоди ҷамъиятӣ маълумот медодед?**

- Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хешро дар ҷодаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатию иҷтимоии кормандон таассути мақомоти интихобӣ, яъне кумита, ки дар мутобиқат бо Оинномаи иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Барои он ки фаъолияти кумитаи иттифоқи касаба ба низом дароварда шавад, зарурат ба миён омад, ки барои давраи минбаъда нақшаи корӣ таҳия ва ухдадориҳои вазифавии аъзои он мушаххас карда шавад. Айни замон, фаъолияти кумитаи иттифоқи касаба дар асоси нақшаи корӣ, инчунин, тақсимоти ухдадориҳои вазифавӣ байни аъзои он роҳандозӣ шудааст.

Инчунин, барои дуруст ба роҳ мондани корбарӣ дар кумитаи иттифоқи касаба мо аз «Дастурамали коргузорӣ», ки бо қарори Шӯрои генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 8 – уми сентябри соли 2017 барои корбарӣ дар ташкилотҳои иттифоқи касаба қабул шудааст, амалан истифода карда истодаем.

**- Шумо, ки яке аз иштирокчиёни мулоқот бо Пешвои миллат будед, аз он чӣ таассурот бардоштед?**

- Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳақиқат, боиси рӯҳбаландии кормандони иттифоқҳои касабаи мамлакат гардид. Ҳангоми суҳбати ошкоро бори дигар эҳсос кардем, ки Пешвои миллат нисбат ба рӯзгори меҳнаткашони кишвар ғамхоранд ва талаб карданд, ки фаъолияти ташкилотҳои иттифоқи касабаро баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои мардум ва фароҳам овардани шароити меҳнату истироҳати онҳо беҳтару хубтар ба роҳ монем. Вобаста ба ин, Сарвари давлат аз ҷумла чунин таъкид намуданд: «Иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоти оммавӣ вазифадоранд, ки рисолати хешро дар ҳифзу ҳимояи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, таҳкими сулҳу субот дар саросари кишвар, ваҳдати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои иттифоқи касаба ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як корманд анҷом диҳанд».

**- Зимни мулоқот Сарвари давлат ба созишнома ва шартномаҳои коллективӣ низ дахл карданд. Ин амал дар Кумитаи андоз чӣ тавр ба роҳ монда шудааст?**

- Яке аз самтҳои асосии фаъолияти иттифоқҳои касаба ташкил ва ба роҳ мондани шарикии иҷтимоӣ байни иттифоқҳои касабаи соҳаҳо бо корфармоён ва мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад. Ба хотири баланд бардоштани сатҳи кафолатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии кормандон дар қиёс ба ҳадди ақали кафолатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоие, ки давлат муқаррар намудааст, дар асоси муқаррароти моддаи 306 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи нави шартномаи коллективӣ барои солҳои 2019 – 2021 таҳия ва қарори дахлдор қабул карда шуда, он тибқи тартиби муқарраршуда санаи 25 июни соли 2019 дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба сабти давлатӣ гирифта шуд.

Бояд гуфт, ки дар пешрафт ва куллан дигаргун шудан яъне рӯ ба сӯи корманд равона гардидани фаъолияти ин ниҳоди ҷамъиятӣ, дар партави сиёсати башардӯстонаю иҷтимоии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Раиси Кумитаи андоз Давлатзода Н. М. зиёд аст. Дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ кормандон инро хуб дарк менамоянд. Чунончи, дар мутобиқат бо муқаррароти дахлдори Шартномаи коллективӣ барои меҳнати бе хавфу хатари кормандон, меҳнати созандаю софдилонаи онҳо баҳри иҷрои вазифаҳои асосии дар назди мақомот гузошташуда, шароитҳои беҳтарини корӣ муҳайё карда шудаанд. Аз ҷумла, ҳуҷраҳои корӣ бо таҷҳизоти замонавии инноватсионӣ ҷиҳозонида шудаанд, тамоми кормандон бо либоси хизматӣ таъмин гардида, ба онҳо барои табобат дар давоми сол кӯмаки молиявӣ расонида мешавад, ҳамасола ба кормандони беҳтарине, ки номи «Нозири беҳтарини сол»-ро сазовор мешаванд, ҳар моҳ, давоми сол иловапулӣ дода мешавад.

**- Ба андешаи шумо иттифоқҳои касаба метавонанд дар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ба ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ саҳм гузоранд?**

- Дар ин ҷо мехоҳам аввал оид ба шуғли ғайрирасмӣ каме ҳарф гуфта гузарам. Ин намуди фаъолият ба яке аз масъалаҳои ҳалталаб табдил гардидааст. Шуғли ғайрирасмӣ боиси он мегардад, ки корманд дар давраи фаъолият ва пиронсолӣ аз истифодаи кафолатҳои иҷтимоӣ, собиқаи корӣ, рухсатии меҳнатӣ, суғуртаи давлатии давраи корношоямӣ маҳрум мегардад. Илова бар ин, фаъолияти шуғли ғайрирасмӣ ба буҷети давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Баҳисобгирии даромадҳои аз фаъолияти ғайрирасмӣ бадастомада дар бисёр мавридҳо ғайриимкон аст. Бояд дастаҷамъона чунон механизме таҳия кунем, ки имконияти анҷом додани фаъолияти ғайрирасмӣ маҳдуд ва фаъолияти расмӣ васеъ гашта, дар ин замина сатҳи камбизоатӣ қадре ҳам бошад, коҳиш ёбад.

**- Пешвои миллат дар баробари баҳогузорӣ ба фаъолияти иттифоқҳои касаба роҷеъ ба мушкилоти мавҷуда низ ҳарф зада, ҳалли онҳоро аз ҷониби масъулин талаб карданд. Иттифоқи касабаи Кумитаи андоз то имрӯз дар доираи дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои кормандон кадом корҳоро анҷом додааст?**

- Вобаста ба талабот ва ҳимояи ҳар чӣ бештару хубтари ҳуқуқи шаҳрвандон дар назди кормандони ташкилотҳои иттифоқи касаба вазифаҳои ҳалталаб низ зиёданд. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, иттифоқҳои касабаро зарур аст, ки назорати ҷамъиятиро ҷиҳати риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, чорабиниҳои ҳифзи меҳнат ва риояи қоидаҳои санитариву гигиенӣ дар корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, амалӣ намоянд. Бояд ба он муваффақ шуд, ки одамон ба меҳнати арзанда ва маоши муносиб таъмин бошанд. Дар ин самт роҳбарияти Кумитаи андоз дар доираи муқаррароти Шартномаи коллективӣ корҳои зиёдеро анҷом дода истодааст. Аз ҷумла, бо мақсади ҳифзи саломатӣ ва дастгирии кормандон, давоми моҳҳои июл – декабри соли ҷорӣ ба ҳабдаҳ корманд ва аъзои оилаи онҳо барои табобат ва барқарор намудани саломатӣ ба осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Баҳористон», «Зумрад», «Хоҷа Оби Гарм» роҳхат дода шуданд. Ҳамчунин, ҷиҳати пешгирии пайдошавии беморӣ, дар марҳилаи аввал ошкор намудани бемориҳои сироятӣ бо ҷалби мутахассисони Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил» тамоми кормандон аз ташхиси рентгенелогӣ гузаронида шуданд. Ба ғайр аз ин, барои тақвияти рушди зеҳнии кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз дар иртибот бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.05.2019, №25855 (16.7) дар байни кормандони ҷавон мусобиқа барои «Ҷоми Пешвои миллат оид ба шоҳмот» гузаронида шуд. Дар давраи таътили тирамоҳии фарзандони кормандони Кумитаи андоз ҷиҳати тарғибу таблиғи дӯстдории санъати театрӣ ва фарҳанги миллию умумибашарӣ дар байни кӯдакону наврасон, инчунин мустаҳкам намудани дӯстиву рафоқат байни фарзандони кормандон тамошои намоишҳои саҳнавӣ дар Театри давлатии ҷумҳуриявии лӯхтакӣ Тоҷикистон ташкил гардид.

Бояд зикр кард, ки пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба таҳияи лоиҳаи «Барномаи амали иттифоқҳои касаба барои солҳои 2020 – 2027 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хеле бамаврид аст. Зеро дар ҳамин сурат нақши иттифоқҳои касаба дар танзими фаъолияти меҳнатии кормандон барҷало эҳсос мешавад.

**Маҳбуба УСМОНОВА,**
**корманди Шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.



Нархи обуна барои соли 2020 ҳамагӣ **65 СОМОНИРО** ташкил дода, манфиати маводи он ҷиҳати пешбурди самараноки соҳибкории шумо дар давоми сол ба маротиб зиёд хоҳад буд.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»

# Маҷлиси намояндагон самти нави назорати раванди буҷетиро соҳиб шуд

**Дар маҳфили журналистикаи иқтисодии “Тавозун” “Дастурамал оид ба амалисозии назорати парламентии ташаккулёбӣ ва иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муаррифӣ шуд.**

Нишасти навбатии маҳфили журналистикаи иқтисодии “Тавозун”, ки 19 декабри соли 2019 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гашт, ба муаррифии як санади нави муҳим – “Дастурамал оид ба амалисозии назорати парламентии ташаккулёбӣ ва иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шуд.

Вакили парлумон Шариф Раҳимзода моҳияти ин Дастурамалро шарҳ дода, гуфт, ки зимни таҳияи ин ҳуҷҷат онҳо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро омӯхта, бо дарназардошти меъёрҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ ва воқеиятҳои Тоҷикистон онро таҳия кардаанд. Ӯ изҳори умедворӣ намуд, ки Дастурамали мазкур имконоти назоратии парлумонро дар бахши буҷет ва масоили дигари идораи молияи давлатӣ устувор менамояд. Ӯ, ҳамчунин, дар бораи вазифаҳои асосии Парлумони Тоҷикистон суханронӣ намуда, ҳозиринро бо нақшаи марҳалаҳои давраи буҷетӣ ва назорати парламентӣ шинос кард. Зикр шуд, ки пас аз қабули санади нав вакилони даъвати дарпешистода, ки 1-уми марти соли 2020 интихоб хоҳанд шуд, самти нав оид ба назорати раванди буҷетӣ дар давраи ташаккулёбии он ва дар ин самт татбиқ намудани амалияи гузарондани муҳокимаҳои пешазбуҷетиро соҳиб хоҳанд шуд.

“Шумо миёнарави миёни мову мардум ҳастед!”, - гуфт раиси Кумитаи иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагон Ш. Раҳимзода ба намояндагони ВАО, ки дар маҳфили навбатии журналистикаи иқтисодии “Тавозун” иштирок доштанд ва изҳори умед намуд, ки хабарнигорон дар инъикос ва фаҳмонидани



моҳияти ин Дастурамал ва дигар масоили вобаста ба идораи давлатӣ, дурусту сари вақт расонидани иттилои муҳим ба вакилон кӯмак хоҳанд кард.

Дар охири суханрониаш Шариф Раҳимзода дар робита бо дархостҳои вакилӣ оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъсири корҳои анҷомёфта ба индекси шаффофияти буҷет ва механизмҳои беҳтар намудани ҳамкории байни Парламент ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дода, ҳамзамон ба саволҳои хабарнигорон вобаста ба мушкилоти вуҷуддошта ҳангоми иҷро шудани буҷаи мамлакат ва роҳҳои ҳалли он посух дод.

Роҳбари Барномаи «Дастгирии назорати парламентӣ дар Идоракунии молияи давлатӣ ва шаффофияти буҷет дар Тоҷикистон» Рафкат Ҳасанов ба иштирокчиён натиҷаҳои Барномаи дастгирии назорати парламентӣ дар Идоракунии молияи давлатӣ ва шаффофияти буҷет дар Тоҷикистонро дар давраи солҳои 2016-2019 пешниҳод намуд. Тавре ӯ гуфт, тартиби баргузории муҳокимаҳои парлумонӣ беҳтар шуда, муҳокимаҳои пешазбуҷетӣ ва муҳокимаҳои сайёр оид ба назорати иҷрои буҷет ворид карда шуданд. Рафкат Ҳасанов вусъат ёфтани иштироки фаъолонаи парлумонро дар марҳалаи ташаккулёбии буҷети давлатӣ таъкид намуда, татбиқи минбаъдаи буҷетикунонии барномавиро асоси ҳамкориҳои самараноки ояндаи Кумитаи иқтисод ва молия бо кумитаҳои дигари парлумонӣ номид.

Дар маҳфил, ки масъулини Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати илм ва маориф, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, Палатаи ҳисоб, Кумитаи андоз, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои марбута иштирок доштанд, ба саволҳои хабарнигорон посух доданд.

**М. ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Власти Аргентины хотят пополнить бюджет за счет «налога на доллар»

**Правительство Аргентины внесло в конгресс страны законопроект, который в числе прочего устанавливает налог на ряд операций в иностранной валюте, сообщает телеканал TN.**

Так, по плану авторов инициативы, одним из основных блоков закона, направленного на решение задачи, поставленной новым президентом Альберто Фернандесом - установление «социальной справедливости» в стране, станет введение 30%-ного налога на некоторые операции, совершаемые в иностранной валюте.

«Устанавливается на пять лет с момента введения закона в действие налог... на следующие операции - покупка иностранной валюты, включая дорожные чеки, для накопления», - отмечается в законопроекте, который публикует TN.

Налогом предлагается также обложить «приобретение услуг за рубежом через туристические агентства, приобретение пассажирских транспортных услуг за пределами страны». Речь идёт о покупках в долларах в зарубежных интернет-магазинах и оплате услуг различных платформ в интернете, например Netflix и Airbnb. Исключение будет сделано для расходов на здравоохранение, покупку лекарств, книг и образовательных услуг.



При этом 70% вырученных средств предлагается направить на финансирование социальной сферы, 30% - на инфраструктурные проекты, сообщил в эфире TN министр экономики страны Мартин Гусман.

Среди других мер предлагается пересмотр через полгода пенсионной системы в стране, а пока пенсионеры в декабре и январе должны получить прибавку к выплачиваемым им денежным средствам. На полгода продлевается заморозка тарифов, после они также могут быть пересмотрены.

Источник: https://ria.ru

# Китай определил задачи социально-экономического развития на 2020 год

**Китай определил основные задачи экономического развития на 2020 год по итогам состоявшегося 10-12 декабря центрального совещания по экономической работе. Более конкретно эти меры будут прописаны в плане социально-экономического развития 2020 года, который примут по итогам сессии Всекитайского собрания народных представителей в марте следующего года. Однако, уже сейчас можно говорить об основных векторах социально-экономической политики КНР на 2020-й.**

### Поддержка стабильного экономического развития

Для поддержки поступательного социально-экономического развития на центральном совещании по экономической работе определены такие задачи, как:

- *поддержка занятости,*
- *продолжение государственного стимулирования экономики,*
- *поддержка малого и среднего бизнеса.*

Наблюдатели отмечают, что на заседании не было подтверждено продолжение линии на сокращение налоговой нагрузки на бизнес. В нынешнем году налоговая нагрузка на бизнес сокращена на 2 триллиона юаней (298 миллиарда долларов). Эксперты сходятся во мнении, что в году 2020-м таких масштабных послаблений происходить не будет. «Ожидается перенос акцента со снижения налогов на расширение бюджетной поддержки экономического развития», - пишет Caixin.

В частности, ожидается значительный рост выпуска целевых облигаций госзайма местными правительствами. Если в 2019 году квота на выпуск этих ценных бумаг составляла 2,15 триллиона юаней, то в 2020 году она может подскочить на 40% - до 3 триллионов юаней. По прогнозам CITIC, этот показатель может быть еще больше – от 3,3 до 3,35 триллиона юаней. Собранные средства, как ожидается, пойдут, прежде всего, на финансирование инфраструктурного строительства. Это укладывается в логику развития китайской экономики на протяжении последних 40 лет, когда падение внешней торговли обычно компенсировалось ростом инвестиций в инфраструктуру и наоборот. Поскольку Китай не испытывает оптимизма по поводу развития внешнеторгового оборота на фоне продолжающегося американо-китайского торгового конфликта, повышение инвестиций в инфраструктуру будет вполне естественным для поддержания экономического развития.

В целом, экономисты считают, что в будущем году КНР понизит план роста национальной экономики с нынешних 6%-6,5% до «около 6%». Наблюдатели отмечают, что это связано с переносом акцента с количественных на качественные показатели экономического развития. «Эксперты подчеркивают: погоня за сохранением существующих темпов роста выше 6% потребует значительного стимулирования, что способно значительно увеличить объем внутреннего долга и подорвать финансовую стабильность. Такие меры дадут немедленный эффект, но в долгосрочной перспективе лишь создадут дополнительные проблемы и отсрочат реформы, необходимые китайской экономике», - отмечает China Daily. Эксперты считают, что темп роста в районе 6% вполне обоснован, и не стоит паниковать даже при падении этого показателя ниже шестипроцентной планки в отдельных кварталах 2020-го.

Одной из важных мер поддержания стабильности на внутренних рынках будет сохранение жестких ограничений на рынке жилья, которые КНР особенно активно вводила с 2017 года. На центральном совещании по экономической работе подтверждена ставшая уже классической формулировка: «жилье для жизни, а не для спекуляций». Китай продолжит проводить профилактику перегрева на рынке недвижимости.

В разных городах Китая действуют разные – подогнанные под местные реалии – меры в этом направлении. Во многих крупных городах Китая введено ограничение на физические объемы продаж, а право на покупку квартиры разыгрывают в лотерею. Такие правила уже введены в Шанхае, Нанкине, Чанша, Чэнду, Ханчжоу и Сиане.

В курортном городе Санья на острове Хайнань нерезидентам запрещено покупать более одной квартиры. После заключения сделки о покупке владелец не сможет продать недвижимость в течение пяти лет.

Ханчжоу запретил холостым и разведенным покупать вторую квартиру.

Муниципалитет Баодин в провинции Хэбэй ввел для собственников квартир 10-летний запрет на их продажу с момента приобретения.

Пекин запретил частным лицам покупать первичные коммерческие площади, для покупки вторичных гражданин обязан платить налоги в Пекине в течение пяти лет и не иметь иной недвижимой собственности. Такие же правила распространились и на коммерческую недвижимость, перестроенную под жилье. Город до 80% поднял уровень первичного взноса при покупке жилья, а также лишил льгот разведенных, которые ранее освобождались от налогов при покупке-продаже жилья. Этим пользовались многие жители столицы, которые оформляли фиктивные разводы для проведения сделок по недвижимости, а потом женились заново. Лазейка была ликвидирована: на рынке недвижимости документы о разводе теперь признаются действительными лишь через год с момента их оформления.

Наблюдатели ожидали, что с середины нынешнего года политика по предотвращению перегрева на рынке жилья будет смягчена, однако этого не произошло из-за опасений новой волны спекуляций.

### Ликвидация нищеты и построение общества среднего достатка

В следующем году КНР намерена окончательно ликвидировать нищету. В частности, предполагается, что каждый гражданин КНР будет обеспечен едой и одеждой, дети из самых бедных семей получат гарантированный доступ к 9-летнему образованию. Среди основных направлений работы обозначены развитие инфраструктуры в беднейших районах и усиление их материальной поддержки из центра.

Впрочем, эксперты отмечают, что основная ответственность в борьбе с нищетой ложится на самих представителей беднейших слоев населения. «Проблема не в том, сколько правительство выделяет средств на искоренение нищеты, а в том, как эти средства используют получатели. До сих пор многие беднейшие слои деревенского населения пребывают в уверенности, что правительство им «должно», и попросту проматывают правительственные дотации. Нужно изменить подход получателей государственных средств к их использованию», - подчеркивает научный сотрудник Академии общественных наук КНР Юй Шаосян.

Вместе с тем, наблюдатели уверены, что власти смогут выполнить поставленные ими задачи. Напомним, что за прошедшие 40 лет Китай избавил от нищеты 740 миллионов человек. В последние годы из-за черты абсолютной бедности страна ежемесячно выводила по одному миллиону человек. Центральное телевидение Китая сообщает, что сейчас из нищеты в КНР выводят по одному человеку каждые три секунды.

На 2020 год также поставлена задача окончательно сформировать в Китае общество среднего достатка. Эта задача, прежде всего, предполагает создание в стране кряжистого среднего класса – людей со среднегодовым доходом в 10 тысяч долларов и более, которые являются основной движущей силой внутреннего потребления, обеспечивающего почти 80% национального экономического роста.

По официальной статистике, в 2018 году численность среднего класса в КНР превысила 400 миллионов человек. Однако сами же китайские исследователи отмечают, что реальная цифра может быть в разы меньше официально заявленной. Так, в 2017 году профессор Школы общественных наук университета Цинхуа Ли Цян пришел к выводу, что 73% представителей китайского среднего класса «еле дотягивают» до нижней планки включения в эту социальную группу. «По большому счету, их жизнь не сильно отличается от представителей группы населения с низкими доходами», - констатирует социолог. Не соглашаются с официальной китайской статистикой по среднему классу и западные эксперты. Так, по подсчетам аналитиков издания Economist, сегодня численность этой группы населения в КНР составляет 132 миллионов человек.

Несмотря на существующие разногласия, абсолютно все наблюдатели сходятся во мнении, что размеры среднего класса в Китае будут стремительно расти. По прогнозу Economist, к 2030 году они увеличатся в 3,5 раза: в КНР будут жить 480 миллионов человек с ежегодным располагаемым доходом в 10 тысяч долларов и более.

### Новые задачи

2020-й год будет крайне интересен с точки зрения экономического планирования. На центральном совещании по экономической работе поставлена задача разработать в следующем году трехлетний план реформы госпредприятий. Наблюдатели предполагают, что в новом документе будет, в частности, закреплен тренд на слияние мощностей или установление партнерства между ранее конкурировавшими госпредприятиями – отраслевыми гигантами в целях сокращения издержек и повышения эффективности их деятельности.

Такая тенденция ярко проявилась в уходящем году. Так, В июле конкурирующие нефтегиганты CNPC и Sinopec объединили усилия в совместной разведке месторождений нефти и газа. До сих пор CNPC и Sinopec хранили в тайне друг от друга данные о разведке месторождений. Совместная работа в этом направлении сможет значительно повысить эффективность освоения залежей углеводородного топлива в КНР.

В сентябре крупнейшие китайские операторы телекоммуникационных услуг наладили партнерство в сфере развития связи пятого поколения 5G. Это сэкономит им до 50 миллиардов долларов.

В октябре Китай путем слияния двух судостроительных гигантов создал крупнейшую в мире судостроительную корпорацию China Shipbuilding Group Corp. Ее активы оцениваются в 787 миллиардов юаней (около 110 миллиардов долларов), она контролирует порядка 21% глобального судостроительного рынка.

В декабре крупнейшие нефтегазовые гиганты Китая объединили свои трубопроводные мощности, создав единую компанию-оператора газо- и нефтепроводов. Китайская корпорация нефте- и газопроводов будет контролировать строительство новых и эксплуатацию уже существующих газопроводов, принадлежащих крупнейшему китайскомй нефтегиганту CNPC, крупнейшему в мире нефтеперерабатывающему конгломерату Sinopec и занимающейся добычей углеводородного топлива на шельфе CNOOC. Под контроль новой компании подпадают трубопроводы протяженностью порядка 90 тысяч км. Активы компании оцениваются в 290 миллиардов юаней (41 миллиард долларов).

В 2020 китайские власти также вплотную займутся разработкой плана XIV пятилетки, которая стартует в 2021 году. Ранее премьер Госсовета КНР Ли Кэцян указал, что вновом плане упор традиционно будет сделан на методах поддержки национального развития на фоне растущего числа внешних вызовов и факторов неопределенности.

Напомним, что XIV план пятилетнего социально-экономического развития будет предварительно утвержден на пятом пленуме ЦК Компартии Китая в 2020 году. Его примут в ходе сессии Всекитайского собрания народных представителей (высшего органа государственной и законодательной власти КНР) в марте 2021 года.

Для КНР план пятилетки – ключевой документ, который определит основные векторы развития национальной экономики на среднесрочную перспективу. Глава китайского правительства обозначил, что в плане будут закреплены меры по развитию инфраструктуры, поддержке инновационной деятельности и частного сектора экономики, защите окружающей среды, а также расширению допуска инокапитала на национальный рынок.

**Источник: https://ria.ru/20191213/1562351399.html**

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, барои соли 2020 идома дорад.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

# Донишу маърифат - роҳи мубориза ба терроризму ифротгароӣ

Зуҳуроти нанговари замон терроризм ва экстремизм ба шумор меравад, ки мутаассифона, тамоми ҷомеаро фаро гирифтааст. Он монанди заҳрпечак ба вуҷуди инсонҳо печида, имрӯз ба мушкилоти асосии ҷомеаи муосир табдил ёфтааст, ки ба муқобили башарият равона шудааст. Он ба сар задани оқибатҳои нохуш, ба монанди таҳдиду зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин ба инсонҳо, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионии давлатҳо, ғасби ҳокимият, барангехтани адовати миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ боис мегардад.

Имрӯзҳо мо шоҳиди ҳодисаву воқеаҳои ниҳоят даҳшатбор дар ҷаҳон, махсусан, дар мамолики Шарқ, мегардем. Фоҷиаҳои мудҳиш миллату халқияти зиёдеро дар бисёр кишварҳо фаро гирифтааст. Гурезаву муҳоҷирони маҷбурӣ ватани аслиро тарк намуда, аз хавфи ҷон, рӯ ба давлатҳои дигар, махсусан, ба Аврупо меоранд. Ин ҳолат ҷомеаи башариро ба таҳлука овардааст, зеро ин маънои интиқоли ҷанг ва задухӯрдҳои мусаллаҳона аз як давлат ба давлати дигар, аз як минтақа ба минтақаи дигарро дорад.

Қабл аз ҳама, ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус, давлатҳое, ки ба онҳо садҳо ҳазор шаҳрванди минтақаҳои ҷангзада ворид шуда истодаанд, аз хавфи терроризм аст. Зеро аз эҳтимол дур нест, ки бо истифода аз мавҷи гурезаҳову муҳоҷирони маҷбурӣ гурӯҳҳои террористӣ низ ба ҳар давлати орому осуда ворид шаванд.

Ончунон ки ҳар як зуҳурот ё ҳаракат заминаи пайдоиш дорад, терроризм низ дар заминае арзи вуҷуд кардааст. Шакли ибтидоии пайдоиши он ифротгароӣ ё тундгароӣ аст. Ифротгароӣ маънои хостани чизе бо тундӣ, ба ҳадди ифрот саъй кардан барои чизеро дорад. Агар ин масъала пешгирӣ карда шавад ва «дард»- и ифротгароӣ «даво» гардад, бовар аст, ки терроризм ва хавфи он дар ҷомеа камтар мешавад. Хислати мухолифи ифротгароӣ ин таҳаммулпазирист. Ҳар қадар ки ифротгароӣ бештар шуд, таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа камтар мешавад. Аммо барои инсонияти ҳолати баръакс, яъне, таҳаммулпазирии бештар, аз манфиат холӣ нест.

Бояд гуфт, ки барои расидан ба ғаразҳои сиёсӣ ташкилоту ҳаракатҳои экстремистӣ, ки аксар махфӣ фаъолият мекунанд, ба тори нозуки эътиқоди мардум нохун мезананд. Зеро медонанд, ки масъалаи имон масъалаи ҳассос аст ва аз тариқи он мардумро фирефта ва ба бозӣ андохтан мумкин мебошад. Бинобар ин, сокинони кишварҳои гуногуни дунёро бовар мекунонанд, ки сиёсати давлатдории кишварашон бар зидди ақидаҳои динии онҳост. Яъне дини мубини исломро барои ноил шудан ба хостаҳояшон истифода мекунанд.

Мутаассифона, дар баъзе ҳолатҳо найрангҳои ифротгароён ва ё тоҷирони дин натиҷа ҳам медиҳад, чунки бештар барои татбиқи ғояҳояшон насли ҷавон ва корноозмудагонро ҷалб мекунанд. Медонанд, ки ҷаҳонбиниву фаҳмиши ҷавонон нав шакл гирифта истодааст ва ҳар масъалаеро, ки ба онҳо талқин кунанд, эҳтимоли пайравӣ ва бовар кардананашон бештар аст. Масъалаи ҳушёрии сиёсӣ ва лаёқати таҳлил кардану муқоиса намудан ва ё кӯр-кӯрона пайравӣ накардан ба ақидаи ҳар кас маҳз барои ҳамин таъкид шудааст, ки ҷавонон бепарво набошанд. Аммо, афсӯс, ки ҷавонон ин таъкидҳоро чандон ҷиддӣ қабул намекунанд.

Пӯшида нест, ки шароити пасти зиндагӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносии миллӣ надоштан, костагӣ дар таълиму тарбияи насли наврас, алалхусус, ҷавонон, ба пайвастани онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ замина мегузорад. Бинобар ин, ҳар як фарди соҳибмаърифати ҷомеа, бахусус, падару модаронро мебояд, ки масъулияти тарбияи фарзандонро ҷиддитар эҳсос кунанд, зеро диққати ҷиддӣ додан ба тарбияи насли наврас омили асосии мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуби терроризм ва ифротгароист.

Албатта, ба якборагӣ аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб кори сода нест, вале омилҳоеро, ки барои ба вуҷуд омадани терроризму экстремизм замина фароҳам овардаанд, дар алоҳидагӣ бартараф кардан мумкин аст. Дар ин роҳ қадами аввал ҳарчӣ бештар саводноку бомаърифат намудани ҷавонон, сипас, таъмини ҳар як ҷавони бомаърифат ва соҳибтахассус бо ҷойи кор мебошад. Зеро собит шудааст, ки мушкили қисмате аз шомилшудагон ба сафи ҳаракатҳои экстремистӣ маҳз муҳтоҷиву дастнигарӣ аст.

Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст».

Хусусияти аз ҳама манфури терроризм на мубориза дар майдони ҷанг, балки тахрибкориву қатлу куштор дар ҷойҳои осоишта, мактабу мадрасаҳо ва макони ҷамъомади одамон мебошад, ки дар натиҷа инсонҳои ғайринизомӣ, кӯдакону пиронсолон қурбон мегарданд. Ҳадафи терроризм ба ин восита ҳарчи бештар даҳшат афкандан дар дунё ва ҷалб намудани таваҷҷуҳи ашхоси бадкеш, беиродаву тарсу ва ғосибу манфиатҷӯ мебошад. Зеро инсони худшиносу ватандӯст, соҳибмаърифату солимфикр ҳаргиз ба доми онҳо намеафтад. Аз ин хотир, ҷавононро мебояд, ки ҳамеша дар пайи омӯзиши илму маърифат бошанд, то фирефтаи ҳар хоину ватанфурӯш нагарданд. Озодию истиқлоли кишварро аз ҳама боло гузоранд.

**М. ҶУМЪА**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

### СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

- ЧДММ «Файзи саҳар» (РЯМ 0910005846) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- Хоҷагии деҳқонии «Дӯстӣ» (РЯМ 4030023846) воқеъ дар ноҳияи Ёвон, барҳам мехӯрад.
- ЧДММ «Балх - 2000» (РМА 400008174) воқеъ дар ноҳияи Ёвон, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

- Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипова Манзура (РЯМ 0330054212) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғафурова Зарафо (РЯМ 0331221651) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳмонзода Халили Ҷалил (РЯМ 0530135898) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатнома ва иқтибоси мутааллиқ ба КТ «Ҳоҷӣ Партов» (РЯМ 1910002142) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуев Олим (РЯМ 5830055156) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Додокалонов Набиҷон (РЯМ 6230179753) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳматов Тоҳирҷон (РЯМ 6330210783) аз ноҳияи Б.Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳматов Набиҷон (РЯМ 6330189965) аз ноҳияи Б.Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Дӯстматов Абдулбосит (РЯМ 6330078805) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷалолова Мамлакат (РЯМ 0930133784) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Шодиева Шоира (РЯМ 6230011325) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ЧДММ «Ломбард ташкилоти маблағгузории хурд», воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, сармояи оинномавиашро аз 1052376 сомонӣ 800000 сомониашро кам мекунад.

Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини наздиҳавлигии тахти № БИ 0123656, ки онро соли 2006 КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Темурмалик ба Хайруллоев Нурулло додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.




### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқарраргардида ба чунин шахсон қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Ғолибони озмуни вилоятии «Соҳибкори беҳтарини соли 2019»

**21 декабри соли 2019 дар вилояти Суғд маросими қоизасупорӣ ба ғолибони озмуни вилоятии «Соҳибкори беҳтарини соли 2019» баргузор гардид.**

Тавре Хадамоти матбуотии Раиси вилояти Суғд иттилоъ медиҳад, тавассути пойдории сулҳу субот дар кишвар ва сиёсати "дарҳои кушод", ки Ҳукумати мамлакат таҳти сарварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собитқадамона амалӣ намуда истодааст, дар давоми 11 моҳи соли равон ба иқтисодиёти вилоят зиёда аз 3 миллиард сомонӣ ё ки 312 миллион доллари ИМА сармояи хориҷиву ватанӣ ҷалб гардид, ки ба 119,6% баробар аст. Аз ин миқдор 1,3 миллиард сомонӣ ё 132,3 миллион долларро сармоягузории мустақим ташкил медиҳад.

Дар маросим Раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода қайд намуд, ки сармоягузории дохилӣ, яъне сохтмони иншоотҳо аз тарафи соҳибкорони шаҳру ноҳияҳои вилоят дар 11 моҳи соли равон ба маблағи умумии 293 миллион сомонӣ ё 30,7 миллион доллар ба роҳ монда шудааст.

-Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои истеҳсолии хоҷагии халқи вилоят шаҳодат медиҳад, ки маҳз тавассути талошҳои шоистаи соҳибкорони ватандӯст ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолӣ марҳала ба марҳала афзоиш ёфта истодааст, ки ин, пеш аз ҳама, ба бунёд ва фаъолияти коргоҳҳои нав вобастагӣ дорад. Афзудани шумораи коргоҳҳо ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ маҳз ба натиҷаҳои назарраси фаъолияти ҳар як соҳибкор алоқаманд аст, - изҳор намуд Р. Аҳмадзода.

Саҳми соҳибкорони вилоят, ҳамзамон, дар самтҳои дигари иҷтимоиёт, аз ҷумла рушди ҳунарҳои мардумӣ, ташаккули соҳаи кишоварзӣ, хизматрасонию савдо, бунёди мактабҳо ва дигар муассисаҳои хусусӣ дар соҳаи маориф, ташаккули сектори хусусии соҳаи нигоҳдории тандурустӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ хеле назаррас арзёбӣ гардид.

Раҷаббой Аҳмадзода таъкид кард, ки "иқдомҳои созандаву бунёдкоронаи соҳибкорон, аз он ҷумла медиҳанд, ки сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии соҳибкорӣ самараи хуб дода истодаанд ва ин итминон мебахшад, ки солҳои оянда низ мо шоҳиди корномаҳои созандаи ҳар як соҳибкор гардида, ҷашни бузурги миллат – 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзишманд истиқбол мекунем ва Ватани маҳбубамонро ба як сарзамини сарсабзу хуррам ва боз ҳам ободу нусратёр табдил медиҳем".

Ҳамин тариқ, тибқи баҳогузории аъзои ҳакамон дар 7 номинатсия рӯйхати беҳтарин соҳибкорони соли 2019 эълон гардид.

Соҳибкорони беҳтарини соли 2019 дар соҳаи саноат Фарҳодҷон Рӯзиев – ЧДММ «Бӯстон Дурахшон» (шаҳри Бӯстон), Ҷамшед Байзоев - ЧДММ «Тоҷфирист» (шаҳри Бӯстон), Абдушариф Раҷабов – ЧДММ «Маҳмуд ва компания» (шаҳри Гулистон), Абдуваҳоб Соҳибов, Алишер Абдуллоев – ЧДММ «Шерхон» (ноҳияи Шаҳристон), Даврон Аҳмедов – ЧДММ «Органик Янк» (ноҳияи Ҷаббор Расулов), Абдулҳай Бобоҷонов – ЧДММ «Хорои Хуҷанд» (шаҳри Хуҷанд) ва Додохон Очилов – ЧДММ «Арча» (шаҳри Хуҷанд) дониста шуданд.

Инчунин, дар маросими қоизасупорӣ номи соҳибкорони беҳтарин дар соҳаҳои кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иноватсионӣ, тандурустӣ, нақлиёт ва коммуникатсия ва беҳтарин соҳибкорсаховатпеша эълон гардид.

### ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Вале агар ин навъ муқоиса аз нуқтаи назари вазъи умумии некӯаҳволии аҳолӣ (мувофиқи ин нишондод дар байни 174 кишвари дунё мо дар ҷойи 103-юм қарор дорем) ва даромади хармоҳаи кормандон (музди меҳнаташон 10 – 15 доллари америкоӣ) сурат бигирад, аён мегардад, ки бори андоз дар ҷумҳурӣ, бо вуҷуди паст будани он, дар айни замон ба дараҷаи кофӣ баланд аст.

Хоҳишу дархости ягонаи аксари аҳолӣ – паст кардани меъёри андозҳо аз як тараф ва аз тарафи дигар маблағгузории ҳатмиву фаврии хоҷагидорӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, пешбурди илми бунёдӣ, таъмини қобилияти мудофиавии давлат ду тазоди ҳаёти имрӯзаанд. Аз ҷониби дигар, ба ғайр аз эҳтиёҷот хароҷоти ҳаррӯза, ҳаҷми андозҳо бояд мувофиқи тавсеаи заминаи андоз муайян карда шавад; ин заминa ҳангоми баробар гирифтани манфиатҳои истеҳсолкунандагон тавсеа меёбад. Бори андоз, меъёрҳои он, манфиати давлат ва субъектҳои хоҷагидории он дар нуқтае ба ҳам бархӯрд менамоянд, ки он муайянкунандаи бору вазни андоз мебошад; аз ҳамин нуқта меъёри андоз муайян карда мешавад.

Аз таҳқиқи таърихи барқарор шудан ва пешрафти низоми миллии андоз дар Тоҷикистон ба хулосаҳои зайл омадан мумкин аст:

1. Низоми андоз ба шакли такомули тадриҷӣ (эволютсионӣ) тахти таъсири се меъёр – сохти давлат, низоми иқтисодӣ ва анъанаҳои миллӣ-таърихии кишварҳо ташаккул меёбад. Ҳар як аз ин меъёрҳо ба ҷараёни ташаккули низоми андоз таъсир расонида, ин ё он хусусиятҳоро муайян месозад. Сохти давлат муайянкунандаи сохтори вертикалии (амудии) низоми андоз, низоми иқтисодӣ мундариҷа ва қонуниятҳои амалиёти он мебошанд; анъанаҳои миллӣ -- таърихӣ, хусусиятҳои ҳаёту зиндагии халқ дар тӯли таърихаш ба андоз ва андозбандӣ рангу бори миллӣ медиҳанд. Вобаста ба ҳамин меъёрҳои номбаршуда ҳар як давлату халқ дар давраҳои худ бояд низоми андозбандии хос дошта бошанд.

2. Дар ташаккул ва рушди низоми миллии андоз мақоми низоми умумиии иқтисодӣ, ки низоми андози ба худ мувофиқро (муодилро) талаб менамояд, нақши муҳим дорад. Аз ин дидгоҳ, принсипҳои умумии (классикии) сохтор ва амалиёти низоми андоз ба низоми миллии андози ҳамаи кишварҳои низоми ба ҳам монанди иқтисодидошта натуралӣ, бозаргонӣ, давраи гузариш ва ё нақшавӣ дахл доранд. Ин падидаро дар тӯли рушди таърихи ҷомеаи башар метавон мушоҳида кард.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## АРЧАИ БУЗУРГТАРИН ДАР ҶАҲОН



**Мувофиқи китоби "Рекордҳои Гиннес" соли 2009 баландтарин дарахти арчаи солинавӣ дар ҷаҳон дар хиёбони Пасио-де-ла- Реформа дар Мехико насб карда шуд, ки диаметри он 35 метр ва баландиаш 110,35 метр буд, ки ба баландии бинои 40-ошёна баробар аст.**

Давоми ду моҳ арчаи солинавиро 200 коргар насб карданд. Барои ин ба онҳо истифодаи миқдори зиёди иншооти металлӣ бо вазни умумии 330 тонна ва гирляндҳои электрикӣ, ки дарозии умумии онҳо тақрибан 80 000 метрро ташкил мекард, зарур омад.

Соли гузашта Агентии таҳлилии «ТурСтат» раддабандии арчаҳои солинавии пойтахтҳои давлатҳои ИДМ-ро дар ҷашни солинавии 2019 аз рӯи баландиашон пешниҳод намуд. Бино ба маълумоти «ТурСтат», арчаи солинавии Душанбе бо зебоӣ ва баландии 28 метр аз арчаҳои ҷашнии Москва (27 м), Остона (25 м), Бишкек (25 м) ва Тбилиси (25 м) пешсаф буд.

## Суханони ҳакимона

Ба мо зиндагӣ барои он дода шудааст, ки то охирин нафас ҳимояташ кунем.

х х х

Тасаллои ҳавзча ин андеша аст, ки рӯдҳо барои пуроб кардани ӯ вуҷуд доранд.

х х х

Муҳимтарин асли ҳаи тарбия бояд муҳаббат бошад.

х х х

Солеҳтарин фарзандон онҳое ҳастанд, ки ба аъмоли худ боиси ифтихори падару модар шаванд.

## Таърихи пайдоиши VIBER



**Шаҳрвандони Исроил Игор Магазинник ва Талмон Марко тавонистанд, ки бо ихтирои хеш ҳамагонро ба тааҷҷуб оранд.**

Аслан, Магазинник зодаи Россия мебошад. Ӯ то 16 - солагӣ дар Нижний Новгород зиндагӣ ба сар бурд, баъдан ба Исроил кӯч баст. Ҳангоми хизмати ҳарбӣ ӯ бо Марко шинос шуда, баъдан дӯстии қавии миёни ин ду ҷавон онҳоро шавқу рағбати ҳамсон ва муҳаббати беандоза ба барномасозиҳои компютерӣ бо ҳам муттаҳид намуд. Нахуст онҳо хизматрасонии мубодилаи мусиқиҳоро таъсис доданд ва баъди якчанд муддат онҳоро андешае ба сар омад, ки барномае барои зангҳои ройгон таъсис диҳанд.

- Таъсиси IP-телефония (техникаи телефонӣ ва қабули нутқ, мусиқӣ ва ғайраҳо тавассути интернет) ва тарзи истифодаи он хеле ҷолиб буд,- мегӯяд Игор Магазинник. - Ин шавқу рағбат ва ҳисси кунҷковӣ идеяи таъсиси мессенҷери навро таълид сохт. Онҳо мақсад гузоштанд, ки замимаеро ҳамсони Skype барои телефонҳои мобилӣ таъсис диҳанд. Ҳамин тавр, мессенҷери Viber таълид ёфт. Ин замима соли 2010 рӯи кор омад.

## Панди рӯзгор



Ҳунарманди нотакрори мазҳака Чарли Чаплин доим зери туҳмату бадгӯиҳои қаламбадастони амрикой қарор мегирифт, вале ғайричашмдошти ҳама ягон бор вокуниш нишон намедод. Оромии масхарабоз, баъзан, худи муаллифонро ҳам дар тааҷҷуб мемонд. Вақте яке аз онҳо аз Чарли мепурсад, ки чӣ гуна ӯ метавонад дар муқобили ин қадар сиёҳкуниҳо хомӯш бошад, актёр чунин посух медиҳад:- Вақте маро бо навиштаҳои бӯғинашон туҳмат мекунанд, пеши назарам занбӯри асалро мебинам. Ин ҷонвари беозор, ки доим шаҳд меҷӯяд, ҳеҷ гоҳ ба гулу гиёҳи пӯсидаву чиркин намешинад.

## ОЁ МЕДОНЕД?



Кишвари Бразилия тасмим гирифтааст, ки ҳарчи бештар мардумро ба китобу китобхона ҷалб кунад. Аз ҷумла, барои зиндониён низ барои хониши китоб имтиёз муайян шудааст. Ҳар маҳбусе, ки як китоб мехонад, мӯҳлати ҷазояш 4 рӯз кам карда мешавад.

х х х

Барои хуб фаъолият намудани майнаи сар миқдори кофии об нӯшидан лозим аст, зеро 75% майнаи сар ба мисли тамоми организми инсон аз об иборат аст. Норасоии об сабаби бад шудани хотира ва кори майнаи сар мегардад.

## БИҲӢ ДАВОИ ДАРДИ ЧАШМ

Дар таркиби биҳӣ 12 фоиз қанд, 5 фоиз кислотаҳои органикӣ, равғанҳои эфир, пектин ва моддаҳои даббоғӣ, витаминҳо, оҳан, мис мавҷуданд. Бо шарбати биҳӣ метавон бемориҳои зиққи нафас, дил, зардпарвин, ҳиккак, дарди шикам, исҳоли хунин, бемадорӣ, камхунӣ, сулфа, меъда, ҷигар ва гурдаро муолиҷа намуд.

Абӯалӣ ибни Сино гуфтааст: «Қиёми аз меваи биҳӣ тайёрнамуда барои муолиҷаи исҳоли хунин, илтиҳоби рӯдаи ғафс, ширааш барои қатъ намудани зиққи нафас, хун партофтан, қай намудан, ташнагӣ ва дарди мағзи сар давост». Дар асоси донаи биҳӣ давоҳо тайёр намуда, бемориҳои шуш ва роҳи нафасро муолиҷа менамоянд. Дар тибби мардумӣ гуфта мешавад, ки ҷӯшобаи донаҳои биҳӣ бо шарбати ангур барои муолиҷаи бемориҳои камхунӣ, бавосир таъсири хуб мерасонад.

Боҷу ХИРОҶ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ
ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».
Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.
Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)
Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ
Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ
*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*
**Индекс: 68930**
Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.
Теъдод: 78 856